НАШРИЁТИ «АДИБ»



**Искандари Хатлонӣ**

# КОСАИ ШИР

**Душанбе,**
**«Адиб»**
**2011**

**ББК Тоҷик 7 – 5**
**Х – 32**

Мураттиб: *Алишер Идизода*

Муҳаррир: *Зиё Абдулло*

Х – 32 **Искандари Хатлонӣ. Косаи шир** *(маҷмӯаи шеърҳо)*. Душанбе, «Адиб», 2011, 96 саҳ.

Номи Искандари Хатлонӣ на танҳо ба хонандаи Тоҷикистон азиз аст, ҳамчунин барои шеърпарварони Эрону Афғонистон хуб ошност. Хонандаи тоҷик тавассути ин маҷмӯа бо як шоири навгарову навсарои ҷавонмарги худ дубора дидор мебинад.

**ISBN 978-99947-2-074-3**

**© Нашриёти «Адиб» 2011**

# ОҲ, БАРОДАРИ БУЗУРГИ ҶАВОНМАРГАМ

***Барои дӯстам Искандари Хатлонӣ:***

*Умри шабпаймойи миллат машъали дигар наёфт,*
*Хуни фарзандон раҳи ӯро чарогон кардааст.*

***Зиё Абдулло***

Ман ҳоло сари таҳлили шеърҳои бародари бузургам Искандари Хатлонӣ нишастаам, меҳри додариам меҷӯшад ва мегӯяд – дил холӣ кун, мисли таронаҳои зебои ӯ дар бораи ӯ тарона бигӯ. Бигӯ, ки агарчи бародар буд ва аз ман ҳамагӣ чанд сол калонтар буд, вале меҳру навозиш, тарзи ба нармӣ сухан гуфтанаш бо ман, сарсиладориҳояш маро нусхае бардошта аз модарам буд. Бигӯ, ки ҳанӯз хонандаи синфи 6-ум буд, ки аввалин шеъраш дар рӯзномаи ҷумҳурӣ ба чоп расид ва дар хонаи мо ид шуд. Модарам пар-парак мезад, ки писарам шоир шудааст. Чанд танӯр нон пухта ба ҳамсояҳо тақсим кард…

Баъд, баъд бо фотиҳаи устоди бузургворамон Мирзо Турсунзода, муаллими ширинлатифаамон Боқӣ Раҳимзода ва достонсарои шӯҳратмандамон Мӯъмин Қаноат дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ва маҷаллаи «Садои Шарқ» шеърҳояш ба чоп расиданд ва бо ҳидояти онҳо ба Институти адабиёти ба номи М. Горький дохил шуд, онро зебо то охир бурд, дар родиои форсии Маскав кор гирифт. Рӯзноманигор ва шоири акнун кӯҳансоламон Одина Мирак пас аз даргузашти бародарам боре ба афсӯс ва ифтихор чунин ҳикоят кард:

– Соли 1979 моро ҳамчун тарҷумон ба Афғонистон бурданд. Намоиши техникаи Шӯравӣ он ҷо мегузашт ва дар он аз рӯзноманигорони Маскав Иванов В. В. ва Алла Иванова низ чун тарҷумон иштирок доштанд. Намоиш 40 рӯз давом карду ба муносибати 1 – солагии Инқилоби Савр буд. Рӯзе инҳо тӯҳфа гирифта ба табрики зодрӯзи ман омаданд. Нишастем, шӯравиёна. Дар ҳамон нишаст Иванов аз ман пурсид, ки оё Искандар Идиевро мешиносӣ? Гуфтам: - Бале! Гуфт: - Нағз мешиносӣ? Гуфтам: - Оре, дуруст мешиносамаш. Гуфт: - Чи ҷавони боистеъдоде. Ӯ ҳамроҳи мо дар радио кор мекунад. Ба забони русӣ мақола менависад ва худаш дар радио мехонад, беҳтар аз мани рус, ба форсӣ менависад ва худаш мехонад. Шеър менависад, тарҷума мекунад. Аз Эрону Афғонистон ҳар касе ба радиои мо ояд, албатта ӯ роҳбалад ва тарҷумонаш. Оё чунинҳо миёни шумо – тоҷикон зиёданд?

– Бале! – гуфтам. Бисёранд чунинҳо. Искандар аз он ҷумла якест. Мардуми мо бо шеър сӯҳбат мекунанд.

– Аҷиб миллатед шумо – гуфт ӯ.

Ва Алла сухани ӯро дар бораи Искандар тасдиқ кард: - Ман ҳам дар ҳайратам аз истеъдоди Искандар, самимияти поку аҷибашро намегӯед.

Шоир ва нависандаи ҳаҷвнигори мо Гурез Сафар гуфта буд: - Ӯ ҳар бор, ки Кӯлоб меомад аввал ба зиёрати падарам Ашӯр Сафар медаромад. Падарам зуд Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Сафар Маҳмуд ва дигар аҳли қалами онҷоро ба хона мехонданд. Дар ин маҷлиси сухан дигар асосан Искандар сухан мекард. Чи нарму зебо мегуфт. Забони дарун, зебоии андом ва зебоии гуфтораш чунон махв мекард, ки мегуфтӣ нигоҳаш кунаму гӯшаш ва биншинам. Дигар аз шӯхиҳои падарам асар набуд. Ҳатто падарам хомӯш ӯро гӯш мекарданд. Ӯ мегуфт, аз таърихи халқи тоҷик мегуфт, аз саргузашти ҷонсӯзи миллати мо мегуфт, ба дард мегуфт. Аз зебоии шеър ва шеъри зебо мегуфт, аз шеъри ҷаҳон мегуфт, аз рангинии шеъри ҷаҳон мегуфт, гӯё дарси адабиёти ҷаҳон ба махфилиёни Кӯлоб мегуфт. Баъд талош ба меҳмондории ӯ миёни аҳли қалами Кӯлоб сар мезад. Бо навбат меҳмонаш мекарданд, ҳамагӣ якҷоя менишастанд. Миллатдӯстии ӯ ранги миллатдӯстии Сафар Маҳмуд буд, бисёр самимона ва ошиқона ва озодона. Вақте аз падарам мепурсидам, ки ӯ кист? Падарам мегуфтанд – писари бобои Идӣ, бачаи бисёр аҷиби худодод аст. Бо ин ҷавонӣ ин дониш ва ин сӯҳбаташро бубин. Миллати мо миллати фарҳангии ҳамапарвари худфаромӯш аст, аз ин аст, ки парешон аст, парешон соҳиб надорад, агар ӯ соҳиб мееёфт, соҳиби ҳушёр, баъд медидӣ чи нобиғаҳое ба ҷаҳониён тӯҳфа меовард.

Баъдҳо фаҳмидам, ки шеърҳои шоирони ин маҳфилро барои тарҷумаи русӣ баргардони таҳтуллафз низ мекардааст…

Бародарам дар авҷи бозсозӣ Душанбе омад, барои кор. Дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» вазифа гирифт. Дар хиёбони Правда (ҳоло ба номи Саъдии Шерозӣ) хонаи якҳуҷрагие харид ва зист ба танҳоӣ. Ва дид, дигарон барои баҳамоӣ талош меварзанд ва мо сӯи парокандагӣ. Ҳайратзада шуд. Бо шеър ба даъват даромад, даъвати баҳамоӣ. Ва дид, гӯши суханшунав нест. Дубора бор баст ба Маскав. Аз радиои Маскав даромад ба даъвати баҳамоии форсизабонони ҷаҳон. Вале, вале… Ин ҷо – Тоҷикистон ба хун пайваст. Худфаромӯш, ки буд, гӯш ба дигарон дод ва дод доди худро, бо ёрии аҷнабиён. Ва хуни ӯ ҷорӣ шуд, як сӯ ба сӯи Шарқ, як сӯ ба сӯи Ғарб. Ва… Ва хуни Искандари бародари маро ҳам ба зарби табарчае ба ин дарёи хун пайвастанд.

***Алишер Идизода***

## МОДАР

Маҳтоб дар лаби бом
Як коса шири гарм аст.
Овози модари ман
Чун бӯи шир нарм аст.

Дар гӯшаҳои чашмаш
Пайдост чину ожанг,
Гӯё ки дастаи гул
Хушкида дар сари санг.

Омӯзгори мактаб,
Ҷон дар ниҳоди хона,
Донам, ки месарояд
Бо сӯзи дил тарона;

«Хуршеди ховар ояд,
Як даста кафтар ояд,
Нури ду чашми модар
Искандар аз дар ояд…»

Маҳтоб дар лаби бом
Як коса шири гарм аст.
Овози модари ман
Чун бӯи шир нарм аст.

## ЯКШАНБЕ

Падару модарони мо имрӯз
Ёди қурбониёни ҷанг кунанд.
Хонаҳоро сафед карда ҳама,
Дару дарвоза низ ранг кунанд.

Боз модаркалонам аз сандуқ
Ёфт он номаи сиёҳеро,
Ки ба дасташ расид аз ҷабҳа,
Чун гувоҳи азоби бевагиҳо…

Мисли модаркалони ман олам
Зиндагиро амонӣ мехоҳад,
Дар ҳақи аскарони гумномаш
Машъали ҷовидонӣ мехоҳад.

Баъди ҷанги ҷаҳонии дуввум
Башар имрӯз ҳам азодор аст.
То балои дигар ба сар н-ояд
Халқи ман ҳам ҳамеша бедор аст.

## БОЗИ ДАВЛАТ

Мезанад пар,
Меравад болотар аз рӯи замин,
Бози давлат,
Бингарад бар зер аз чархи барин,
То бубинад кист ҳомии замин –
Ӯ хирадманд аст оё? –
Ӯ ватанхоҳ аст оё?
Ӯ худованди амонӣ ҳаст ё не?…
Бози давлат,
Менишинад бар сари шоистаи халқ,
Бар сари халқи хирадманд,
Бар сари халқи ватанхоҳ,
Бар сари халқе, ки халқи дигареро
Бо худаш донад баробар,
Бо худаш хонад бародар.

## ИНҚИЛОБИ САВР

Саҳар барвақт аз хобам бихезам
Ба имоне, ки дар дунёи ҳастӣ
Бинои зиндагӣ барҷост,
Ва халқе соҳиби хоки ватан гаштаст,
Ва лафзи кӯдаконаш ҳамсадои табли озодист…

Саҳар барвақт аз хобам бихезам,
Ба имоне, ки дар он соҳили дарё,
Шабеҳи ман,
Ҷавонони сияҳчашму сияҳабрӯ

Саодатҷӯву бедоранд,
Ва дар он соҳили дарё
Шабеҳи Тоҷикистон.
Хоҳари зебои ӯ зиндаст,
Ки расми доварии қисмати худро ба ҷо орад
Ва бо нерӯи нав,
Бар олами нав,
Рӯзгори нав,
Қадам монад.

## КИШТИИ УМЕДИ ЖОЛА БАДЕЪ

Дарё гузар дорад…
Зане танҳо лаби дарё,
Ду чашмаш ҳамчу гирдоб аст,
Аз он соҳил садое нест,
Аз он соҳил умеде ҳаст…

…Ҳазорон сол хоҳад буду
Хоҳад рафт дар як лаҳзае нохост,
Ки сарфи интизориҳост…

Ватан – дар оби чашмон аст,
Ватан – дар хуни ҷӯшон аст,
Ватан – пайванди виҷдон аст,
Ватан – уммеди инсон аст.

Чу овози Ватан аз он лаби дарё намеояд,
Намеояд ҳанӯзам киштии уммед,
Сарашро мезанад бар санги соҳилҳо:
«Худоё, нохудо дар хоби ғафлат монд?!
Куҷо он пул, ки пайвандад ду соҳилро?!»

## ВАТАНФУРӮШ

…Аз гузашта мегурезӣ,
Сахт мебандӣ дари имрӯзро,
Мешавӣ пинҳон ту аз фардо.

Сахт метарсӣ ту аз шабҳои тор!
Гӯиё дар ҳуҷраи торики ренген,
Тарҳи захми бедавоят,
Тарҳи рӯи дигаратро,
Як шуои ногаҳонӣ мекунад пайдо.

Мезанӣ нохун ба сина,
Мехароши,
Лек овози даруни
Мехарошад, мехӯрад ҷони туро.

Инчунин то субҳдам,
Мекушӣ худро,
Вале мурдан намехоҳӣ,
Марг ҳам рӯи туро дидан намехоҳад.

## ХУНИ СИЁВУШ

Маро кушта дасте, ки боло набуд,
Худованди фардои дунё набуд.
Куҷо хок аз хуни ман сер шуд?
Кай аз хуни ман сер шамшер шуд?!
Ҷигарбанди Эрону Турон манам!
Шаҳиди пурармони майдон манам!
Набудам паи молу ҷоҳу ҷалол,
Ки бас буд як пора нони ҳалол.
Маро дасти кӯтоҳи хунсард кушт,
Маро ҷаҳли беному номард кушт!
Сарам аз падар бепадар бод, бод!
Ки пайванди худро ба душман бидод!…
…Кай аз хуни ман сер шамшер шуд?!
Куҷо хок аз хуни ман сер шуд?!…

## ТАХТИ ҶАМШЕД

Чу фарёди ҷарас ояд ба гӯшам
Фиғони мурғе аз вайронаи шаб,
Ту гӯӣ, дар бағал фармони Доро
Ба Юнон раҳ гирифта марди сатрап.

Дар ин ҷо давлате дар хок хуфта,
Сари сарлашкарону паҳлавонон.
Зи ҳар сангаш бурун ояд садое,
Ва аз ҳар заррааш хезад як инсон.

Магар тақдир бар рӯяш нахандид?
Натобид аз сараш чун некахтар?
Гунаҳкораш куҷо, ку додгустар?
Ба дасти кист ин вайрона вайрон?

Сикандар сӯхт онро масту ғофил,
Ки аз ин сӯхтанҳо нест ҳосил,
Ба ҷуз хокистаре дар мушти таърих…

## НОҲИД

Фаромад бар замин аз осмон,
То хокгиронро амон бахшида,
Нон бахшад,
Тавон бахшад.

Ҳанӯз Аҳриман ин ҷо зинда будӣ,
Ба расми хештан поянда будӣ.

Аноҳид аз қазо тарки ҷаҳон гуфт,
Заминро пушти по зад,
Сано бар осмон гуфт:
«Бифармо, эзидо, то ман бароям
Ба авҷи осмонҳо,
Ки бар ин хокдон файзе надодам.
Ба пеши Аҳриман
Ман мисли бодам!
Ва инсон нотавон,
Наздикбин аст,
Нишемангоҳи ман арши барин аст!…»

Илоҳа гуфт ин ҳарфи таманно,
Фурӯзон ахтаре шуд дар фалакҳо.
Ҳанӯз аз одамӣ бовар надорад,
Ба марги Аҳриман уммедвор аст…

## ПОЁНИ АВЕСТО

Хирасӯз аст моҳи пажмурда
Ҳамчу фонуси зинда дар гӯре.
Сарҳади байни зиндаву мурдаст,
Тори борик – ламъаи нуре.

Вақти ҷон кандан аст ин нолиш,
К-аз дили тирагӣ ба гӯш ояд:
«Соати охирини ман ин аст,
Модар аз нав маро намезояд.

Кош ҳарфи Аҳурамаздоро
Гӯш медодаму намекардам
Шаҳди мардум ба заҳри хеш бадал,
Бин ки худкардаро давост масал…

Марги маргам, дигар шитоб макун,
Аҷали ростини ман ин аст.
Зинда бод он ки зинда кушт маро,
Ин тамошо на баҳри тамрин аст».

## РАҲГУЗАРЕ ДАР ШАҲРИ НОШИНОС

*Барои Сиёвуши Касроӣ*

Кист к-ин дам бирасад бар дари ман, хотири ман шод кунад?
Кафи хокистари ғам аз дили ман бод кунад?
Кист к-ин нимашабон аз тарафи хонаи ман мегузарад?
Ё манам шаҳри харобе, к - ӯ зи вайронаи ман мегузарад?

Аҷабо, ин чӣ сукуте ки дар атрофи ман аст?!
Шоире нест магар, ё шаби дафни сухан аст?!
Ин ҳама мегузарад вақти саҳар медонам,
Лек то мегузарад, сар ба гарав мемонам…

Саргузаште ба хаёлам омад:
Пиразан дар раҳи бозор афтид,
Дасташ аз бори гарон меларзид:
«Оҳ, агар марги ман ин аст, яқин,

К-ӯ маро мешносад…»
Зани фарбеҳ ба овози баланд
Ҳамаро кард хабар,
Ки чунин буду чунин ҳасту чунин хоҳад буд…

…Кист к-ин дам бирасад, бар дари ман мушт занад?
Мон ки девору дарамро шиканад,
Роҳ ёбад ба дилам!

## ТИМСОЛ

Аз зани ношинос бо ман монд
Гармии як нигоҳи нофаҳмо, –
Ҳадяи ногузир аз тақдир,
Ҳолате – баъди хоби бетаъбир…

Ӯ ба чашми сиёҳи афсунгар
Рӯзҳои маро сияҳ кардаст.
Агар аз гил сириштаанд маро
Ӯ маро боз хоки раҳ кардаст.

Рӯзгори висол рангоранг,
Рӯзгори фироқ якранг аст –
Дар миёни ману замону макон
Баҳри исботи хештан ҷанг аст…

Ман нагӯям, ки буд рӯъёе,
Асли рӯъё фақат ҳақиқат нест.
Ҳарчӣ буду набуд бо вай монд,
Бо ман аз вай шамими хотираест….

## ЭҲДО

Мешиносӣ, вале намедонӣ,
Ки дили ман чӣ дардҳо дорад.
Боз дар кӯча барф меборад,
Аз парешонӣ – то пушаймонӣ…

«Дӯст дорам туро» ба тоҷикӣ
Дорад оҳангу маънии хуштар.

Нашавад тарҷума ба лафзи дигар,
Он чӣ гуфтам туро ба наздикӣ.

Дар тиреза ситораи саҳарӣ
Метаровад чу ашки модари ман.
Менишинӣ ту дар баробари ман,
То ба умқи ду дидаам нигарӣ.

Дили гармам чӣ дардҳо дорад,
Дили сардат намешавад огоҳ.
Ва нафаҳмида рози чашми сиёҳ,
Худ ба худ гӯӣ! «Барф меборад…»

## НАВҚАЛАМ

Аз паи мисраи гумкардаи хеш
Биравам кӯча ба кӯча танҳо.
«Кай шавад аз лаби ҳар раҳгузаре
Мисраи гумшудаи ман пайдо?!»

Ҳамчу раҳгумшудаи нобаладе,
Пурсаму пӯяму кобам аз нав,
Суханеро, чу раҳи хонаи дӯст,
Ки варо кошкӣ ёбам аз нав.

Дар ғами мисра, надидам, афсӯс,
К - аз ду чашмони сиёҳи духтар,
Аз ду сарчашмаи ишқи азалӣ,
Шеъри ногуфтаи ман мезад сар…

## ШАБНАМ

Як шабе дар боғи хомӯши хаёл
Ман гули рӯи туро мекофтам.
Лек дар ҳар сабзае – як қатрае, –
Ҳамчу ашкеро ба нӯги мижжае.
Дар фиғон меёфтам…

Боди танҳое, ки раҳ гум карда буд,
Оҳи сарде аз дили озурда буд,

Чанд ҳарфи ҳасрате бо барг гуфт,
Бо забони дард гуфт…

Ман гумон кардам, ки ҳар оҳи маро
Ту чунин боди парешон кардаӣ,
Рӯзгоре ки ману ту доштем,
Қисса бо барги дарахтон кардаӣ…

Лек дар ҳар қатра як маҳтоб буд,
Боғи афсункарда масти хоб буд.
Оҳ, метарсидам аз бахте,
ки меёбам туро
Чун сукути вақт,
Чун акси садо!…

## БАРОЯМ ГИРЯ КУН…

Бароям гиря кун имшаб,
Ки танҳо имшабам бе ту.
Бароям гиря кун умре,
Ки ҷони бар лабам бе ту….

Дар ин шабҳои танҳоӣ
Дарамро бод мекӯбад.
Уфуқ маҳтобро хӯрдаст…
Диламро
Мушти як фарёд мекӯбад.

Дар ин шабҳои танҳоӣ
Ман аз танҳоӣ дилгирам,
Агар пайдо шавӣ ин дам,
Дар оғӯши ту мемирам…

Бароям гиря кун имшаб,
Ки танҳо имшабам бе ту.
Бароям гиря кун ҳар шаб,
Ки бехоби шабам бе ту.

## БЕ ТУ

Кафтари ҳафтранги зебоям,
Ман туро аз куҷо кунам пайдо?
Ту паридиву монд ин дили ман,
Бе ту дар зери осмон танҳо.

Ту паридиву рафт аз ёдам,
Содагиву ҷунуну шайдоӣ.
Орзу монду ҷустуҷӯи абад
Дар мани ҷонфидои зебоӣ.

Ту паридӣ, фазои хонаи ман
Сарду хомӯш бе таронаи ту.
Ба кӣ пайки сурур меорӣ?
Чашми уммеди кист лонаи ту?

## САДО

Ман зи фарёди хамӯшӣ имшаб
Акси овози туро мешунавам.
Ба чӣ сахтӣ ту дарафтодӣ боз?
Ё ки дилгир шудӣ аз парвоз?

Шаби танҳоиву маҳтоб чу қосид имшаб
Ба ту орад хабари рашки маро,
Ба ман орад хабари рашки туро.

Аз шаби тира рабоям худро!
Шаби торик ғамангезтар

аз ҳамсафари пурҳарф аст,
Ки зи доми даҳанаш нест раҳо!…

Шаби хушкардаи маҳтобии ман,
Хуш бувад санги лаби об маро.
Ҷоми саршораму бархезу биё,
Ман туро ёбаму ту ёб маро.

## КОҲИШ

Бо хаёли ишқу бе сӯзи диле
Эй шабаҳ, дар чашми ман пайдо машав.
Аз ғами танҳоӣ мемирам, вале
Дигар, эй рӯъёи шаб, эҳё машав…

…Рехт борон, бо суханҳои тараш
Саргузаштеро ҳикоят карду рафт.
Ман надонистам ғурури хешро,
Аз ғурури ман шикоят карду рафт.

## ФАРЁДИ ХАЁЛ

…Ҷӯри ҳазор нағмаи мурғони ҷангалӣ
Гулдухтари баҳор
Пур карда буд синаат аз завқи рӯзгор,
Аз хандаҳои раъд,
Аз гиряҳои шохнами шоми навбаҳор.

Ҳоло куҷост нағмаи мурғони шабнаво?
Қаҳрист моҳ бо туву рӯ во намекунад,
Аз осмон ситорае чашмак намезанад.

Чун марди дилшикастае
Ғарқи хаёлҳои парешони хештан
Бо ҳасрате ба қуллаи хомӯш бингарӣ:
«Бо як баҳори дигаре ман то фарози он
Раҳ тай намекунам?
Оё ба коми танги ғурубе фурӯ равад,
Чун моҳии тилоие
Хуршеди ишқи ман?..»

## СИТОРА

Ҷавони ошиқе хоҳад, ки шабҳо
Туро гирад ба каф, бахшад ба ҷонон.
«Раҳи гумгаштаи моро садо кун!»
Фиғоне ояд аз шабҳои ҳиҷрон…

На ҳамноми ту бошад дилбари ман,
На лӯълӯи туро дорад ба гардан.
Фақат хоҳам ба алмоси ту рӯзе,
Фулузи осмонҳоро буридан.

## МЕҲМОНӢ

Ҳавои беғубори ҷангалистон
Гирифтори сукути осмонӣ.
Зимистонро нахустин раҳкушоям
Дар ин деҳи ҷавону бостонӣ…

Хурӯси чӯбии сурхи лаби бом,
Ба сар бардорад аз нав доду фарёд.
Шукуфон ёри ман ояд ба парвоз,
Бигӯяд: «З - осмон афтодаӣ боз?»

Бихандад холаи шӯхи Мария,
«Ба ин ҷоҳо кадомин бодат овард?
Ту шояд соли нав, бошӣ, азизам,
Муроди нек бояд орзу кард!»

…Ба кунҷи хона шамъи нимсӯзе
Бувад монанди чашми посбонон.
Чу тифлон гарму ширин хуфта имшаб,
Русия дар канори Тоҷикистон.

## ИКАР

Мӯи моро сила мекард,
Боди гулбези баҳорон,
Рӯи моро бӯса мезад,
Дар миёни лолазорон.
Дар ҳавои ошиқиҳо
Бо ту дар парвоз будам,
Бо ту ман ҳамроз будам,
Бо ту ман ҳамсоз будам.
Айни болафшонӣ чун шаҳбоз

Рафтӣ аз канорам.
Ман Замин будам, бирафтӣ аз мадорам.
Болҳоят сӯхт оё?!
Ё ту то Хуршед рафтӣ,
Бар нагаштӣ?

## БЕХОБӢ

Моҳи нав чун духтари чобуксавор
Асп метозад зи рӯи абрҳои навбаҳор.
Наъли аспашро нигар,
Абрҳоро мекунад мавҷи шарор.
Ёли аспашро бубин,
Ҳамчу боди беқарор…
Имшабам бори нахуст
Дидани он ёри дерин орзуст.
Мерасад аз дур фарёде саҳар:
«Ман гуноҳатро намебахшам дигар…»

## САФЕДОР

Ғаму шодии ман, муштоқии ман,
Рафиқи ҷонии қишлоқии ман,
Кунун дар хобҳоям медарои̣,
Маро бар деҳа даъват менамои̣…
Зимистонасту месӯзад дили ман
Ба аҳволат, ки урёнӣ, азизам!
Каме тоқат намо, оям ба хона,
Зи шеърам ҷомаи гармат бидӯзам.

## ОРЗУИ ПАРВОЗ

Замин аз сабзаю себарга гулдомон,
Танинандоз меояд зи кӯҳсор
Навои рез - рези обшорон.
Парасту боз меояд,
Ба сақфи хонаи мо лона месозад.
Сари калтути пири ҳавлии мо

Зи нав тар мекунад борон.
Дилам мехоҳад ин айём
Бароям бар сари талҳо,
Занам фарёд бо такрор:
– Ба ман ҳам болу пар даркор!

## БОРОН

Рехт борону рехт беҳуда,
Пушта холӣ, ниёзи об надошт.
Хаставу пурсукуту осуда,
Дар сараш ҷуз хаёли хоб надошт.

Рехт борону рехт беҳуда…
Ба гумонам, ки меҳмоне буд,
Дер карда ба тӯю хурсандӣ,
Бехабар роҳи дур мепаймуд.

Нолаи вопасини марде буд,
Ки ба дардаш наёфт ҳамдарде.
Рафт бо ному нанг аз дунё,
Рӯ наёвард назди номарде.

Ё ки ашки равони модар буд,
Дар раҳи бозгашти фарзандон.
Ҳар қадар рехт, рехт бо армон,
Баччаҳояш наёмад аз майдон.

Рехт борону рехт он рӯзе,
Ки ҷавонӣ фирор кард аз мо.
Ман кунун ҳам наметавонам дид
Бе бадӣ некиҳои дунёро.

## ФАРРОШ

Метаровад ширмаҳтоб,
Мебарад аз чашми ман хоб,
Бар фарози кӯчаҳо,
Ҳамчу бар дарёи шир,
Мезанад фаррош ҷорӯб,

Гӯй килки Монии пир,
Тозагиро мекунад тасвир.

Ӯ зани зебои маҳрӯст,
Шаҳр имшаб дар канори ӯст.
Бистаре аз партави маҳтоб
Интизори ӯст,
Шаҳр ҳар шаб дар канори ӯст…

## ШАБИ БОРОНӢ

Садоҳо… шарфаи по… шарфаи по…
Парид аз дасти ман паррандаи хоб.
Хамӯш афтод аз авҷи фалакҳо,
Дили танҳои ман чун ашки маҳтоб.
Сари шаб хонаам бори нахустин,
Тиҳӣ аз хандаҳои дӯстон аст.
Дар ин дарёи торики шабистон,
Ту гӯӣ завраҷи бебодбон аст…

## ЧАШМА

Дар канораш беди мушкин
Мекунад ҷамъу парешон кокулашро.
Хуфта рӯи синаи ӯ
Ахтарон чун селаи мурғони заррин.
Ӯ вале дар роҳи дарё
Мехазад байни алафҳо,
Мезанад сар бар сари санг,
Мекашад оҳ.
Кӯдаке дар хоб гӯё,
Модарашро ҷустуҷӯ дорад.
Меравад, мепурсад аз дарё,
Меравад, мекобад аз дунё…

## МЕХАНДИД…

Зане дар кӯча механдид,
Гаҳе қаҳ - қаҳзанон кафкӯбиҳо мекард,
Садо мезад, имо мекард…

Рамида мардуми ҳайрон,
Варо девона мехонанду меронанд.
Кӣ медонад,
Чаро бечора механдад?
Ба ҳоли кӣ?
Барои чӣ?
Бигӯ, масти баҳоронӣ?
Ва ё ошуфтаӣ аз ҳоли ин мардум,
Ки дар бозори ташвишҳо,
Чунин аз хандаҳои бегуноҳи ту гурезонанд?!

Ҷавобе на.
Суоле на.
Чӣ бебокона механдиду мерақсид…

## БОДЕ ДАР ШАҲР

Боди беному нишон, саргардон
Боз дар шаҳри калон яккаву танҳо монад.
Ҳама дилҳову ҳама панҷараҳо пӯшида,
Ҳар кӣ ӯро зи дари хонаи худ меронад.

Мисли шабгард, ки бар манзили худ дер ояд,
Мушт кӯбад ба дари баста мудом,
Ба раҳи хеш диҳад боз давом…

…Саҳар аз хона бадар меоем,
Ҳама лабрези ғурур, –
Гӯиё аз ҳама асрори ҷаҳон бохабарем.
Бод танҳост, вале
Ба диле раҳ ҷӯяд,
Ки дар он нола кунад зори ба зор…
Мо аз ин бехабарем.

## ТАСВИР

Само ҳамчун хаёли ошиқон аст,
Ва ё чун розҳои маҳрамона.

Зи буни кӯҳҳо рӯида хуршед, –
Гули хокистари гарми шабона.

Дарахтони бараҳна рафта дар хоб,
Лаби ҷӯборҳоро мемакад об.
Насиме мевазад рӯи алафҳо,
Диламро мебарад дарёи маҳтоб…

## АФСОНА

Он рӯзҳои беғаму даврони пурфараҳ,
Афсонаҳои гуфтаи момои меҳрубон,
Кайҳост рафтаанд, валекин ба ёди ман,
Чун ёдгори кӯдакӣ монанд ҷовидон.

…Субҳи баҳор буду ба болои бомҳо
Аз лола машъалони фурӯзанда менамуд.
Бар кӯҳҳои пир, ки дар ҳам хазидаанд.
Хуршед чун даричаи оянда менамуд.

Будем ҳар кадом гули лолаи баҳор,
Аммо набуд дар дили мо сӯзи доғҳо.
Пурифтихор синаву хуршед дар канор,
Нури умед буд ба чашми сиёҳи мо.

Чун абри навбаҳор гузар кард кӯдакӣ,
Борони хеш рехт ба дашти вуҷуди мо.
Акнун ба кӯю боми падарҳои мо бимонд
Афсонаҳову машъали ҷовиди лолаҳо…

## СЕ ИНТИЗОР

Момаи пирам шабу рӯзи дароз
Аз худо дорад ниёз:
«Парвардигоро,
Баччаамро бош ёр!..»

Модари ғамхори ман,
Андаруни қуттие ҷо мекунад
Кулчаву себу анор,
Мефиристонад бароям.

Духтари маҳпораи хушдори ман
Дар сари роҳ интизор:
«Кошкӣ танҳо биёяд,
Зан наорад…»

## МОҲИ МИЗОН

Рӯзҳои гарми тобистони ман
Рафта бо ранги баҳори баргҳо.
Бодҳо бар шохсор оранд пайғоме дигар
Аз хазон,
Аз моҳи мизоне, ки мебояд дар он
Ҳосили худро гузошт,
Аз барои имтиҳони устуворӣ,
Бурдборӣ,
Пойдорӣ дар ҷаҳон,
Дар ҷои хеш.
На барои зиндагии ҷовидон,
Баҳри дарки маънии аслии он.

## ҲАВАСҲО

Кош ҳар шеъраки ман як кафи гандум бошад,
Пошад онро ба заминҳо деҳқон.
Майсаҳо сар занад аз тухми сухан,
Ҳама ҷо сабз шавад дашту даман.

Кош ҳар шеъраки ман як бағали пахта шавад,
Резад аз домани гулдухтараки рустоӣ,
Хирмане пур шавад аз пунбаи шеър.

Кош ҳар шеъраки ман,
Ламъае нур шавад, партави маҳтоб шавад,
Ба сари он ки шаби тираву тор,
Ҳама шаб дар сафар аст
Якка аз пайраҳаи кӯҳистон.

Кош ҳар шеъраки ман ҷӯй шавад,
Равад аз боғ ба роғ.
Равад аз роғ ба боғ.

Кош ҳар мисраи ман об шавад,
Кош ҳар мисраи ман партави маҳтоб шавад…

## БАРҚИ НОРАК

Истгоҳи барқи Норакро бубин, –
Инчунин мӯъҷиза дар рӯи замин.
Дастҳои дӯст онро сохтанд,
Парчами тоҷик баланд афрохтанд.

Симҳояш ҳамчу шарёнҳои вақт
Бар тани фардо муҳаббат мебаранд.
Тоҷикистонро ба роҳи ростӣ,
Аз ҳақиқат то ҳақиқат мебаранд.

Дар суоли беҷавоби асрҳо
Халқи ман ҳам дод посухе дигар.
Дар раҳиояндагонаш офарид,
Дар замини кӯчаке – шамсу қамар!

## ДУШАНБЕ

Ту яктоӣ ба мисли халқи тоҷик,
Ту яктоӣ ба мисли Тоҷикистон.
Ту яктоӣ: дигар шояд чу ту шаҳре надорем.
Душанбе – пойтахти шодию ғамҳои ширинам,
Душанбе – маркази ҳарфу ҳиҷои ман, садои ман,
Ту медонӣ, ки ман ҳам бе ту ҳеҷам,
Ту медонӣ, ки ман ҳам бо туам обод дар олам.
Ману ту дар ҳама аҳвол,

Забони якдигарро нағз меёбем,
Ва ҳоли ҳамдигарро нағз мефаҳмем.
Дар оғӯши ту аз ҳар кӯю ҳар барзан
Забони модарам ояд ба гӯши ман,
Ва шукри он,
ки номи ту – нахустин рӯзи
ҳар як ҳафтаи тоҷик, –
Пур аз кашфу пур аз заҳмат,
Пур аз ранҷу пур аз ганҷ аст.

## ВАСИЯТИ ДЕҲҚОНИ ПИР

Ман бо тамоми ҳастии худ дидам
Он гунаҳои сӯхта аз хуршед,
Он дастҳои содаи тобовар,
Он чашмҳои зиндаи пуруммед…

Вақте ки бо ду чашми хаёлолуд
Он марди хоксор назар мекард,
Ҳарфаш насими шомро мемонд,
К - аз рӯи пахтазор гузар мекард.

Аз гуфтугӯи хастаи оби ҷӯй
Омад садо, ки гӯш фаро доред!
– Бо гунаҳои сӯхта аз хуршед,
Чун абри раҳматам ба сахо борид!

Аз вошавии ғӯза садо омад:
– Дар ман ғунуда буд азоби ӯ,
Ҳини шукуфтан асту лабони ман
Гӯянд пеши халқ ҷавоби ӯ –

«Ман умри хеш сарфи шумо кардам,
Эй одамони серу баобу тоб.
Назди шумо ниёзи ман ин бошад, –
Афзун кунед қадри замину об

Ин водиҳои кишвари тиллоӣ,
Ин рӯдҳои масту хурӯшонаш,
Монам бароятону маро кофист
Як мушт хоки поки пурэҳсонаш.

Гар гуфтаҳои ман барабас бошанд,
Гар ҷои ман тиҳӣ ба қурун монад,
Ман баъди марг ҳам нашавам ором,
Дастам зи хоки гӯр бурун монад!»

## ТУ БО МАНӢ…

…Ту бо маниву дар ҳама ҷаҳон,
Тамоми одамон
Накӯтаранд аз он ки будаанд,
Касе гумони бад намекунад,
Дигар хаёли душманиву боди ҷанг
Ба шохсори хотире намевазад,
Дигар ҳарос ҳамчу мори заҳрнок
Думболи ҳеҷ кас намехазад.

Дақиқаҳои ҷовидон,
Дақиқаҳои дав - давон
Ту бо маниву ин ҷаҳон
Ҷаҳони дигар аст.
Ва зиндагӣ,
На то ба рӯзи марг,
Ва на фиреби шодиовар аст.
Ту бо маниву чанд лаҳзае,
Ман низ дигарам:
Мурғи самандарам,
К - аз оташи худӣ,
Худро дубора офарам.
Ту бо манӣ, ки чанд лаҳзае
Ман ҳам ба ормони худ баробарам…

## ДАР ПАНОҲИ МЕҲАН

Ватандорӣ набошад кори осон
Ба фарзандони боному вафодор,
Худоё, бекафан мурдан ғаме нест,
Маро аз беватан мурдан нигаҳ дор!

Дар ин дунёи пуршӯру пуроғоз
Агар оғозу анҷомам ватан нест,
Дареғи ман,
дареғи меҳнати ман,
Агар подошу инъомам ватан нест!

Барои шеъри Турсунзодаи мо
Тамоми Осиё мисли ватан шуд.
Вале бинвохт ӯро хоки Лучоб,
Ва як абри сафед ӯро кафан шуд…

Ба гӯшам мерасад ҳар гоҳу ногоҳ
Зи роҳи дур як овози ҷонкоҳ.
Ба ҳар лафзу забоне, ки набошад,
Ман аз маънии он гардидам огоҳ:

«Ҷаҳон месӯзад аз оҳи ғарибӣ,
Дареғ аз умри кӯтоҳи ғарибӣ.
Ватан пушту паноҳ аст, эй бародар,
Гадои дар ватан – шоҳи ғарибӣ…»

Ватандорӣ набошад кори осон
Ба фарзандони боному вафодор,
Худоё, бекафан мурдан ғаме нест,
Маро аз беватан мурдан нигаҳ дор.

## ОМӮ

*Реги Омӯву дуруштиҳои ӯ…*
***Рӯдакӣ.***

Сина бар сангзанон,
Наъра мастоназанон,
Чӣ шитобест туро?
Изтиробест туро?
Гоҳ ду соҳили мағруру баланд,
Гоҳ ду соҳили паст,
Бо туанд даст ба даст.
Ҷисму ҷони ту равон асту равон,
Ҳамчунон дидаи бино ҳастӣ,
Поку шаффофу мубарро ҳастӣ,
Бегунаҳ – кӯдаки зебо ҳастӣ.
Ин ҳама нарму хурӯшон шудаӣ,
Гоҳ хандон, гоҳ гирён шудаӣ.
Кист дунболи ту метозад, кист?
Бигӯ,
        дунболи кӣ метозӣ,
Аз чӣ гурезон шудаӣ?

Баъди чандин шабу рӯз,
Оқибат то лаби дарё бирасӣ,
Гӯӣ то он лаби дунё бирасӣ.
Лек, то мерасӣ онҷо,
Борҳо мешавӣ такрор,
Бале, борҳо такрор!
Дар раги рустаниҳо,
Ва ба хуни ману мо…
Об аз дида гаҳе,
Ва гаҳе хун аз дил…
Ашки шодиву ҳаёт…
Оби нигоҳ…
Қатраобе чакад аз панба ба коме,
Охирин бор…
Ту вале боз равониву равон,
Дар миёни ману ёроне, ки дар он тарафат
Сарнавишти худро,
Ки ҳамеша кар буд,
Бо сароидани озодӣ табобат карданд…
Тану ҷони ту равон асту равон…
Ғайр аз ин нест дигар оғозат,
Ба ҷуз инат набувад анҷоме…
Рӯдакӣ бо туст,
Ту ҷовидонӣ бо ӯ…

## ТАРОНАИ СИТОИШИ ЗАМИН

Эй бародар,
Ҳаркӣ бошӣ,
Ҳар куҷо бошӣ,
Дар сафар,
Ё дар дами марг,
Соати ғам,
Соати шодӣ,
Бишнав аз ман
Ин тарона:
Замин – ин хонаи ободи мову туст,
Чаро ин хонаро вайрона бинмоем?!
Биё, мову ту дар ҳар қалб як хуршед афрӯзем,
Ки ҳар инсони хуршедӣ тавонад гуфт:

«Ман шодам,
Ва хушбахтам ки ҳастам
Зиндаву озод дар дунё!…»
Ҳанӯзам вақти он аст, эй бародар,
Ки дигар,
Замин – рӯзирасони ҷовидонро кишт бинмоем
Тамоми захмҳояшро шифо бахшем,
Ҳаргиз вожаи шуму сиёҳи «ҷанг»
Набошад рӯи зебои Заминро лаккаи нанг,
Ва дигар аз ҳама фарҳангҳо,
Аз ҳар забоне, ки ба дунё ҳаст,
Бибояд вожаҳои «бомб» - у «куштор»,
«Тир» - у «дор»,
Ва дигар вижаҳои нанги таърих
Ҳазф гардад!
Замин мероси насланбаъдинасли мост,
Ва мо бояд ба фарзандони худ мерос бигзорем
онро,
Ки фарзандони мо ҳам
Ба номи неку бо виҷдони поку хотири роҳат
Ба фарзандони худ мерос бигзоранд дунёро…
Бад-ин гуна,
Замин бояд ҳамеша зиндаву чарханда бошад,
Башар поянда бошад,
Дарахтон ғарқа дар гулҳо,
Намирад ишқи булбул,
Ва рӯзе дар тамоми олами афлок
Замин бояд чароғи раҳнамои ҷумлаи исторагон бошад.

## АЗ САҲНА МЕРОНЕМ

Аҳриман зиндаст ҳоло…
Ӯ либоси дигару рӯи дигар дорад,
Бо забони инглисиву ба лаҳни
амрикоӣ мекунад сӯҳбат,
Қаҳва менӯшад,
Шеър мехонад,
Аспҳоро дӯст медорад:
Ӯ ба қавли худ
Худои ин замину осмон аст.

Орзуяш бомби нейтронист,
Яъне қотили аҳли ҷаҳон аст.

Лек,
Ҳуш доред,
 мардум,
Орзуяш нотамом аст,
Фикри хом аст!
Ҳайф агар
Дар кӯчаҳо борон
                    биборад

Бе ману бе мо.
Хӯшаҳои пухтаи ангур
Чун пистони модар,
Дар ҷаҳон бе кӯдакон
                    монад ҳадар…

Ваҳдате бояд,
Эй башар,
Иттиҳоде!
Бо тамоми дастаи ҳурмуздтинат,
Аҳриманро андарин
                    савдо намемонем.
Охир ӯро аз ҷаҳони одамизод,
Ҳамчунон аз саҳна меронем!

## ЭЙ ЗАМИН, ЭЙ МОМИ НОЁБ!

Мечакад ашки ситора
Рӯи гулбарги баҳорон,
Эй худо,
        имшаб чӣ бошад
Сарнавишти рӯзгорон?!

Ҳар кучо маҳтоб имшаб
Шаҳрзоди қиссагӯяст.
Кош дар афсона будам…
Пеши ман ин орзуяст.

Аз хаёлоти парешон
Ҳарчӣ андар сина дорам:
Дарди чандинсолаам ҳаст,
Ғуссаи дерина дорам…

Дар чунин шабҳои маҳтоб
Дар ғами дунёстам ман.
Кош чун модаркалонам
Ӯ бисурфад,
хезад аз хоб.

Косаи обаш биёрам,
Ҳам зи аҳволаш бипурсам.
Шуд, ки шуд модаркалонам…
Ӯ надид ашку ҳаросам…

Ту маро дигар матарсон,
Эй Замин, эй моми ноёб!
Сурфа кун,
то зинда ҳастӣ,
Ман бароят
Ҷовидон мехезам аз хоб…

## ФАРЁД

Шумо, эй пунбадаргӯшони таърихи башар,
Оё намедонед,
Ки рӯи сабзаи наврустаи шабнамзада бояд чиҳо кард?!
Нахуст, аз по канед он кафшҳои пурҷилотонро,
Ва мисли кӯдакон, бо беқарорӣ,
Дав-давон, пуштакзанон,
Лабханди беолоишу поке баланд оред,
Ба сӯи тобиши хуршед, – мӯъҷизаву рӯъёи нотакрор,
Ба сӯи осмонҳои хуморангез,
Ба монанди шароби бӯсаи аввал…

Нигоҳе ҳам биандозед
Холӣ аз ғараз, аз рашк бар нерӯи бемарги табиат,
Ба сӯи ин дарахтон, – ҳамнавардони шабу рӯзон,
Ба сӯи пирмарду пирзанҳое

Ки ҳатто зррае аз маргашон бовар намебошад:
Ба ин тифлон
Ки чашми ҳар кадоме
Гӯиё як,
            чашмаи оби ҳаёт аст…

Нигоҳе, нӯшханде сӯи ин дунё,
Ки ҳамчун модаре обистани фардост,
Ва як бечораву танҳост дар кайҳон,
Намедонам чӣ хоҳад зод фардо,
Зиндагӣ ё Марг?!…

Шумо, эй бонувону эй ҷанобон,
Сафедону сиёҳон,
Ба ҳар ранге ки ҳастед,
Бидонед,
Ки ман фарёд хоҳам кард,
То он пунбаҳо аз гӯшатон афтад…

Эй пунбадаргӯшони таърихи башар,
Бишнавед овози ман,
То фурсате доред…

## ДОНА

Пеши ин дона сар фуруд орем,
Донае, ки ҳанӯз дар хок аст.
Агар ин дона борвар нашавад,
Дили ман аз барош садчок аст.

Ҳини дар хок хуфтани дона
Ёфтам ман чӣ ҳикмате дорад:
То дубора ба хӯша баргардад,
Дона худро ба хок биспорад…

Дона-дона ба хоки кӯҳистон
Ашки абри баҳор мерезад.
Кош аз донаҳои рафта ба хок
Одаме ҳам зи хок бархезад…

Сар фуруд орем пеши ин дона,
Дили ман аз барош ғамнок аст,
Ки чу дар батни модаре фарзанд,
Ё чу фарзанд дар бари хок аст…

## БУХОРО

*Барои Ҷалол Икромӣ*

Шаҳре ки бодарвозааст,
Дар маҳкамӣ овозааст,
Душман намегирад варо,
Нирӯш беандозааст.

Шаҳре ки дар он
ҳар манор
Чун мушаке истодааст,
Бар осмон сар мезанад, –
Он такя бар ин додааст.

Шаҳре ки доно будааст,
Дар пушти Сино будааст,
Зӯру тавоно будааст
Шаҳре ки бодарвозааст.

Ҳар кас ки
бо мушти ҳунар
Кӯбида бар дарвозааш,
Хайру саховат дидааст
Аз лутфи беандозааш.

Ҳар кас ки чашми гушнааш,
Дасти ба теғу дашнааш,
Майли таҷовуз кардааст
Дар погаҳи дарвозааш.

Чун нони гандум солиён,
Дар сурфаи ҳар хонадон,
Монад ҳаме поянда он
Шаҳре ки бодарвозааст.

Аз гармии хуршедҳо
Гардад бухор оби ҷаҳон,
Аммо Бухорои шариф
Бошад,
    ки бошад ҷовидон,
Сино ба дунё додааст,
Э бас чу Сино зодааст.

## СОХТМОН

*Ба ёди Бобоназари*
*Ҳаёт - бинокори номӣ*

Мехост бод гиря кунад,
Лек кас набуд,
То бо забони бод бигӯяд ба одамон:
«Имрӯз ногаҳон,
Дар ҷӯши сохтмон,
Дасти палиди марг,
Якҷоя бо тасодуфи нопок ҳамла кард…
Марде гузашт аз ҷаҳон,
К - ӯ ҳамчу нур зист,
Саршори одамияту ишқу ғурур зист…

…Ман гиряҳои кӯдаки навзод бишнавам,
З - он хонаҳо, ки сохтӣ дар шаҳри нозанин.
Имон биёварам, ки ба дӯши ту будааст
Ин кураи Замин!

## БОМДОД

Паранда мехонад:
Дигар фанои зиндагӣ нопайдост,
Вақти ба даҳр зодани инсонҳост…

Паранда мехонад:
Дунё ҳанӯз рӯшану обод аст.
(Дунё ба дасти ҳодиса барбод аст!)
Парандаро накушед,
Парандаи ғазалхони зиндаро накушед,
Паранда мехонад…
Ҳоло ки зинда ҳаст,
 мехонад…

## ШАБҲОИ ХУРШЕДӢ

*Барои Хурмои Ширин*

Ман гирифтори баҳорам,
Бо умеди он ки рӯзе
Аз ҳама афсонаи шабҳо биёӣ,
Аз ҳама дунё биёӣ…

Ман маризи навбаҳорам,
Интизорам,
То туам як субҳдам,
Ҳамчун насими панҷара,
Андар оғӯшат бигириву шифо бахшӣ,
То маро аз интизориҳо раҳо бахшӣ…

Ман гаравгони баҳорам,
То саҳар шабзиндадорам,
Ту биёиву маро озод бинмоӣ
Аз ғурур, аз дасти танҳоӣ.
Ту барои ман биёрӣ ишқу уммеде,
То шавад шабҳои ман – шабҳои хуршедӣ,
Шабҳои хуршедӣ, шабҳои хуршедӣ…

## ҲАВОПАЙМО

Ҳавопаймо, –
Наҳанги симгуне ғӯтавар
дар қаъри уқёнус…

Ҳавопаймо,
Ҷилавтар меравад, то мекашам ман оҳ…
Валекин родиюю моро баногаҳ мекунад огоҳ:
«Ҳазору шашсаду ҳафтод метр
иртифоъ дорем дар парвоз…
Зи баъди се дақиқа рӯди Ому мешавад оғоз…»

Ман акнун аз замин дурам,
Мусофир дар раҳи дарёи нурам.
Аҳуро низ наздик аст,

Вале роҳам ба пеши ӯ
Чу тори мӯй борик аст…

Худамро боз мепурсам:
«Чаро вақти диёри мо
Зи вақти дигарон пеш аст?
Вале гоҳе
Ту гӯӣ, баста дар хеш аст…

Агарчанде ки мо мардум
Як умре ҳам саҳархезем – ,
Валекин месазад то як саҳаргаҳ зудтар хезем,
Ва ҳам бедортар бошем…»

…Ҳавопаймо, –
Наҳанги ғӯтавар дар қаъри укёнус…
Ва хуршед аст чун фонус,
Ё чашмест,
Чашми рӯз.

Ҳавопаймо фуруд омад
Ҳалиму нарму ҷонафрӯз,
Хаёлам боз дар банд аст:
«Чӣ ҳамвор аст майдони фурудаш!
Замин аммо басе пасту баланд аст…»

## АФСОНАЕ БАРОИ ҲАМА…

Дар осмон будам…
Дар осмони хаёле
Ки мерасад он рӯз, –
Ман ҳам ба ҷустуҷӯи ту
ба паси Кӯҳи Қоф хоҳам рафт.
Дар роҳи ман қалину таассуб,
Бо аждаҳои пири маҳалчигӣ,
Аспи муродамро
Аз чор сӯ муҳосира хоҳанд кард,
Аммо!
Шамшер дорам ман, –
Аз рӯзгори кӯдакӣ медонам:

Бар лашкари сиёҳи бадӣ
пирӯз бояд шуд,
Бо ростӣ пирӯз бояд шуд.
Ман,
Шамшерамро
Дигар
Пинҳон
Нахоҳам кард!
Ҷои сухан хамӯшии сарди
ғилоф нест!

Пайкор бояд кард,
То охирин афсонаи ишқи ману ту
Поёни талхи сарнавиште?! –
На!
Балки ҳамон афсонаи ширинтар
аз анҷоми ҳар афсона бошад,

К - онро
Ниёгони ману ту,
Парварда чун ҷону ҷигар,
Мероси мо карданду рафтанд…
Эй парии дурдасти ман,
Эй хуфта дар аъмоқи Кӯҳи Қоф,
Ман пора месозам тилисмеро,
Ки дар он
Қалби ту нобанд аст…

## БАРОИ ТУ, КИ ИНТИЗОРИ МАНӢ

Дар он ҷо кӯдаки ман, ҷони ман,
як қатра хуни ман,
Ба ақли кӯчаки худ интизориро намефаҳмад…
Дар ин ҷо
Бо нигоҳе
Ту маро побанд месозӣ.
Вале ман меравам,
Ман меравам
аз шаҳри пиндору ҳавасбозӣ…
Сари роҳи маро дигар чӣ мегирӣ?

Ба ҳангоми сафар аз ман чӣ мепурсӣ?
Бимон,
то як даме бошам ба дунёи фаромӯшӣ,
Супорам риштаи андешаро бар дасти хомӯшӣ.
Намехоҳӣ,
Намемонӣ
Бинӯшам ҷуръае аз ҷоми танҳоӣ,
Маро меафканӣ аз боми танҳоӣ,
Ки умре бо туву бе ту,
Ки умре бо ману бе ман,
Гаҳе қаҳриву гоҳе оштӣ бо сарнавишти хеш,
Ҳамин як зиндадаргӯрии худро дӯсттар дорем…
Надорем,
Намедонему мегӯем:
«Биё, эй бахт, эй афсонаи мо,
Биё бикшо дари кошонаи мо…»

## ҒАЗАЛИ БЕХОБӢ

Он ки бедор асту имшаб ёди фардо мекунад,
Ҳарфҳое дар сукути хеш пайдо мекунад.
Медиҳад пайванд тори ноаён бигсастаро,
Нағмаҳои мурдаро дар хеш эҳё мекунад.
Аз лабаш сар мезанад сарчашмаи ногуфтаҳо,
Гуфтаҳояшро пас аз рӯзи мабодо мекунад?!
Бо туаш будаст чанде сӯҳбат, эй дардошно,
Дардҳояшро табобат хонаи мо мекунад…
Ӯ туро дидасту аз дидор дарке кардааст, –
Дил агар сӯзад, ду чашми кӯр бино мекунад.
Гарчи аз тӯфони танҳоӣ наҷоташ додаӣ,
Киштии Нӯҳро ба баҳри шубҳа эҳдо мекунад.
Ҳаст дар Сайёра он Рухшонае, ки то ҳанӯз
Ошиқи Искандар асту ёди Доро мекунад?!

## НАВЗОД

Бирезад нимкатро сояи тут…
Ба пешам менишинӣ моту мабҳут:
«Худоё, ин ҷавони бодрафтор,
Чӣ мехоҳад зи ман дар сояи кор?»

Ягона кӯдаки гирён дар ин ҷо
Бувад ишқи ятими мондаи ман.
Сари луч, пои луч, андар биёбон,
Зи кӯи ошиқиҳо рондаи ман

Ятими ишқ будан нест осон,
Чу монад ишқ бемодар,
бимирад.
Ту ӯро ҳаркӣ бошӣ, бош, аммо
Туро ин тифли ман модар бигирад.

Маро ин тифли навзоди муҳаббат
Ба қадри зиндагӣ бошад баробар.
Ту ӯро ҳаркӣ бошӣ, бош, аммо
Набошаш ҳеҷ гоҳе модарандар.

## ДОМОНИ ЗАМИН

Чӯҷае аз лонааш афтодааст
Барги зарде дар кафи дастони ман.
Ногаҳон дар хонаи норӯфта
Мешавад фасли хазон меҳмони ман…

Мекунам ман бо дарахтон сӯҳбате,
Ҳамчу бо ёрони ҳамдастони хеш.
Навниҳолонро навозиш мекунам
Дар хумори рӯи фарзандони хеш.

Баччаҳоям дина рӯз аз боғи ман
Рафтаанд бо меваҳои охирин.
Дар ҳама ҷо як сари қоқи ман аст,
Интизориву ду чашми роҳбин…

Дар сукути баргҳо гум мешавам,
Гӯиё аз лонаам афтодаам.
Лек дасти ман ба домони замин…
То қиёмат ман ба ӯ дил додаам.

## НОШИНОС

Шабҳо дар орзуи ту
Санги сафеди пеши хонаи туро
Сад бор бӯса кардаам,
Ва бо саги ту гила доштам,
Ки соҳибаш
Як бор ҳам ба сӯи ман
нигаҳ намекунад…

…Саги ту рафт аз ҷаҳон,
Ва санги пеши хонаи
ту реза - реза шуд.
Ту бо ғурури хешу шӯи номдори худ
Ба шаҳри дигаре
Барои зистан шитофтӣ.
Аммо чӣ ёфтӣ,
Ки дигар аз хаёли ман,
Аз орзуи ман намеравӣ бурун…

Ман ташна будам,
Омадам ба остони хонаат.
Вале ба косаи мани
ятими ишқ
Заҳри ҷудоиро нарехтӣ,
Гурехтӣ,
Гурехтӣ,
На аз ману на аз нигоҳи ман,
Аз сарнавишти худ гурехтӣ…

Шабҳо дар орзуи ту
Санги сафедро
Дар ёдҳои хеш зинда мекунам.
Рӯҳи саги ту боз гиря мекунад
Ки соҳибаш
Як бор ҳам ба сайри кӯчаҳои шаҳри ҷовидон
Варо набурд бо ҷавони ношинос,
Ки бо забони ношинос
Гапҳои ношинос гуфта буд…

## НАҒМАПАРДОЗ

*Илҳом аз як таронаи Раймонд Паулс*
*– оҳангсози литвонӣ.*

Дар издиҳоми кӯчаву барзанҳо
Ҳар рӯз
Ман овоз мехонам…
Ту меоӣ,
Ки дар як гӯша биншинӣ ба танҳоӣ.
Ман аз ту нағма месозам: (,–)
Ман аз чашмони ту,
Аз чеҳраи ту,
Ва аз он гуфтаниҳое,
ки натвон гуфт бо ту,
Нағма месозам.

Биракс аз нағмаи ман,
Ҳарчӣ бодо бод!
Насиби туст ин рақси худодод.

Ту аз ман меравӣ,
Ту меравӣ бо вай,
Туро ман бо нигоҳам мешавам ҳодӣ.
Вале дар кӯча танҳо
боду борон аст,
Ман аз ин боду борон нағма месозам.
Биракс аз нағмаи ман,
Ҳарчӣ бодо бод.
Насиби туст ин рақси худодод.

Дигар, аз сарнавиштам нағма месозам,
Ки дар оғӯши гарми худ туро гирад.
Ба он сурат, ки ҳастӣ дар хаёлам,
Ман аз ту нағма месозам.

Биракс аз нағмаи ман,
Ҳарчӣ бодо бод.
Насиби туст ин рақси худодод.

Ту хушбахтиву ман хушбахт,
Аммо
Миёни мову ту як нағмае ҳаст.

Агар дар зиндагӣ аз по биафтам,
Ба ман ин нағма, бешак, медиҳад даст,

Биракс аз нағмаи ман,
Ҳарчӣ бодо бод.
Насиби туст ин рақси худодод.

## САРГУЗАШТИ ДАРАХТИ ПИР

Гиря кун, эй дарахти беҳосил,
Ҳосили умри ту ҳамин будаст.
Баъди чандет пок хоҳад сӯхт
Бозии шӯълаҳои масту аласт.

Ту ба уммеди кундапайванде
Солҳоро намуда пушти сар.
Боғбони ту рафт аз дунё,
Начашида зи дасти хеш самар…

Бингарам ман, ки дуд дар дудӣ,
Сӯхтан ҳам намешавад ҳосил!
Зиндагонет кори саҳле буд,
Чунки будӣ аз оқибат ғофил.

Бинам инак, ки оби дидаи ту
Чакад аз навдаҳои фартутат.
Ҳама бегонаву шиносатро
Додаӣ ваъдаҳо зи шаҳтутат…

Пок сӯз, эй дарахти беҳосил,
Ҳосили ҳезум аст хокистар.
Ту ки на одамӣ, на чон дорӣ,
Машав аз ҳоли хештан музтар…

Шояд ин ҳосили ягонаи ту
Самари нахли дигар афзояд.
Ончӣ як умр н - омад аз дастат,
Аз дарахти дигар ба даст ояд.

Гиряро бас кун, эй дарахти пир,
Пок сӯз, беҳарос, мардона!
Хоб кун дар канори шӯълаи маст,
Ки ба гӯшат бихонад афсона….

## РӮЪЁ

Дарёи хуфтаиву манам киштие, ки боз
Лангар фикандаам
Дар жарфнои ту,
В - он моҳии лабони туро сайд мекунам.

Пуршӯр мешавӣ,
Овора мешавам
Дар мавҷҳои дард,
Дар имтидоди завқ.

Сад чора мекунам,
Бечора мешавам…
Оваҳ, чӣ
манзаре!
Ишқ аст,
Ё ҳавас?!
Ҳамчун шикастапораҳо,
Меафканӣ маро,
Бар соҳили сукут.
Дигар ба
хоби хеш,
Он моҳии лабони туро
сайд мекунам…

## НОЛАИ ШАБГИР

Духтари жӯлидамӯро
бод бурд…
Пои урён,
Тифли гирён,
Ҳар қадам –
афтону хезон,

Ҳар қадам –
                хори мағелон, –
Аз паси ӯ медавад
Ин ёди беимдоди ман,
Нолаву фарёди ман…

Ман ба сар хоҳам
Ба қаъри хок рафт…
Оҳ, агар донам,
Ки ӯро
Зинда меёбам
Аз он сӯи замин…

Барои ҷангалҳову рӯдхонаҳо,
Барои мурғону дарёчаҳо,
Барои дарахти булуте,
Ки марди ҳезумшикан
Ҷудош карда аз реша.

Барои он вожа,
К - аз ёдҳо берун
Шояд чу санге,
Уфтода дар саҳрост,
Ва бекасу танҳост.

Барои таронаҳои нотамом,
Барои пираҳани бесоҳиб,
Барои дасторхони бенон,
Барои досҳои зангзада, –

Дилам ҳамеша месӯзад,
Ҳамеша мешавам ношод,
Ки ҳолшон, чи гуна хоҳад буд
Бидуни ман, –
Бидуни одамизод?!

## САРГУЗАШТИ ЯК ЧАШМА

Дасте расиду хок шикофид, –
В - онгаҳ
Зулолранг,
Бурун омад,
Ҷӯшиду
Хурӯшиду
Фаровон шуд…
Омад якеву
Чеҳраи худро дид.
Нашнохт.
Рафт.
Боз биёмад.
Дид.
Онгаҳ
Дубора рафту
Биёмад боз.
Худро шинохт, –
Чеҳраи
Худро дид,
В - онгаҳ бидод
Замзамаро оғоз:

«Ту чашми биноӣ,
Ту чашмаи моӣ,
Ту ҳарфи ногуфта,
Забони гӯёӣ.

Басе шитобат ҳаст,
Чӣ печу тобат ҳаст,
Бигу,
        ки пайванде
Ба офтобат ҳаст?

Равон чаро ҳастӣ?
Давон чаро ҳастӣ?
Магар намебинӣ
Баландию пастӣ?..»

Инро шуниду чашма ҳаросид,
Дар жарфнои хок фурӯ рафт.
Рӯзе гузашту хори биёбон шуд,
Бо регҳои сӯхта яксон шуд…

## ГИРЯҲОИ ТУ

*Барои Анӯша ба фардои некаш*

Гиряҳои ту, –
Сукути
Давлати Ҳахоманиш аст,
Аз зарбаҳои
Ногаҳонии
Сипоҳи Искандар…

Гиряҳои ту, –
Истилои
Суғду Бохтар,
Ва дуди
Талхи Бухоро,
Ва ҳаёҳуи
Тозиён
Ба рӯи пайкари
Озурдаҷони
Панҷакат…
Ва Самарқанд…

Гиряҳои ту, –
Шикасти Оли Сомон,
Ва сели
Кӯчиёни ваҳшӣ,
Ва чашмаҳои
Хушкида…
Ва обҳои
Мурда…

Гиряҳои ту, –
Теғи
Ташнаи
Муғул,
То ба даста

Меравад
Фурӯ,
Модари
Хуҷандро
Дар гулӯ…

Гиряҳои ту, –
Садои
Пои
Ланги
Темур аст,
К - ӯ бар сари
Манори
Каллаҳои
Аҳли
Хуросон,
Рақс мекунад хандон…
Рақс мекунад хандон…

Гиряҳои ту, –
Офтоби Бадахшон,
Моҳтоби Зарафшон,
Насими Бохтар,
Ва лолаҳои Кобул,
Ва бомдоди
Наврӯз
Дар Эрон…

## ПУРСИШИ КӮДАК АЗ МОДАР

Модар
Оё ман
Фардо
Ба дидани шукуфтани гулҳо
Хоҳам рафт,
Ё на?

Модар,
Оё ман
Фардо

Бо бачаҳои ҳамсоя
Бозӣ хоҳам кард,
Ё на?

Модар,
Ту мегӯӣ:
Он сӯи кӯҳҳо
Шаҳрест,
К - онҷост, офтобро хона…
Бигӯ,
Ба шаҳри офтоб
Маро мебарӣ,
Ё на?

## ГУЛИ ОВОЗИ МАН РӮЯД

*Замзамае барои устод Одина Ҳошим*

Ман,
Дуторамро,
Ба нам - намҳои борон ҷӯр месозам.
Ман тамоми нағмаҳои талху ширини
ҳаётамро
Бо садои
Қалби
Ёрон,
Ҷӯр месозам.
Чашмҳоро, –
Чашмаҳои нур,
Бозувони нотавонро, –
Пуртавон,
Пурзӯр месозам.
Хонаҳоро, –
Боргоҳи шодмониҳо,
Ғуссаву ғамро, –
Аз онҳо дур месозам.
Гар taнинам
Мерасад
Бар гӯши ҷоне,
Марди хушбахтам.
Гар

Пазиро нест
Овозам,
Чӣ боке!
Ман,
Насими бениёзам,
Гаҳ ба гулзоре вазам,

2

Гоҳе ба хористон,
Лек,
Ҳаргиз,
Нестам
Миннатпарасти ину оне…
Дар ғазалҳое,
Ки шоирҳои мо
Бо дарӣ гуфтанд,
Бо забони модарӣ гуфтанд,
Эй ҳамзабон!
Ту,
Асли пайванди маро мечӯй.
Дар шохаҳои ин дарахти пир,
Аммо
Борвар то ҳол,
Ошёни мурғи илҳоми маро, –
Фарзанди дилбанди маро мечӯй.
Эй ҳамватан!
Бигзор баъд аз ин,
Овози ман ҳам
Пеши роҳи ҷангро гирад.
Дар сангари мардони озодӣ,
Овози ман, –
Сарбози ман,
Ҳаргиз намирад.
Душмане,
Гар,
Сӯи ин гулшан,
Тир андозад, –
Аз туфанги ӯ
Дигар
Оташ

3

Наборад,
Балки
Гули овози ман рӯяд…

**АНДЕШАҲОИ ХОК**

Зарду сурх,
Обиву бунафш…
Ҳар дарахти пуршукуфа, –
Як дарафш,
Ё ки мурғи сабзранги паркашон,
Ба осмон,
Ба ҷовидон…

Хок - одам аст.
Рӯзу шаб хаёлманд.
«Оҳ - ӯ як дам» аст,
Лек сад ҳазор олам аст.

Хок - пок мешавад.
Ҳар баҳор синачок мешавад.
Гоҳ барги гул,
Гоҳ шабнаме,
Гоҳ,
Оҳи дарднок мешавад…

Дар даман,
Дар чаман,
Ногаҳон
Медамад, –
Сабзи сабз,
Сурхи сурх,
Обиву бунафш, –
Фикрҳои бикри хок,
Хоки пир,
Хоки навҷавон…

## КӮДАКОНИ МО…

Кӯдакони мо, –
Чашмаҳои пурталотуми зулол
Дар кавири ташнагии ишқ…

Кӯдакони мо, –
Абри раҳмате
Ки бар фарози киштзори орзу
Мешавад нисор,
Дар баҳор…

Кӯдакони мо, –
Симурғи ҷовидон,
Дар дами хатар
Мерабояд аз даҳони
маргамон,
То ба сар барем аз дигар,
Зиндатар…

## ЛАҲЗАЕРО ДИДАМ…

Лаҳзаеро дидам
Ки ба осудагии марде пир
Менишинад лаби ҳавз
Ва асое бар каф,
Аз раҳи дури
хаёлаш роҳист,
Ки биёяд,
Бирасад то **имрӯз**…

Лаҳзаеро дидам,
Ки ба лабханди
яке кӯдаки шӯх
Нур мерехт,
Шодӣ мебахшид,
Ва гаҳе бо хеш
Ӯро мебурд,
Ки биёяд,
Бирасад то **фардо**…

## ГУРЕЗ

Бо дастҳои холиву бо қалби пурумед
Боз омадӣ, ки хотираҳоро садо кунӣ.
Мурғи хаёлро
Аз ошёни тираву сардаш раҳо кунӣ.

Шояд ҳанӯз омадани ту баҳонаест,
То бингарӣ ба чеҳраи гумкардаҳои хеш.
Оне ки ёфт менашавад дар ниҳоди кист?
Ё худшиносиҳо кунӣ чун рӯзҳои пеш?

Бинӣ, ки дар бисоти ту аз сурати замир
Ангезаест хуфта аз овони бехудӣ.
Қаҳрат фишор оварад, аз лаб ҷудо шавад,
К - инҷост ҷои ман!..

Аз кӯчаҳои шаб ба шитобе гузар кунӣ,
Поёни кӯчаҳо чӣ биёрад барои ту?
Аз хеш мегурезиву таъқиб мекунӣ,
Аз гарди роҳ сер нагаштаст пои ту?

## МИЁНИ ТОБИСТОН

Миёни тобистон
Туро раҳо кардам.
Чӣ ҳарфҳо гуфтам,
Чӣ бӯсаҳо кардам.
Вале надонистам
Ки баҳри ҷовидон
Миёни тобистон
Туро раҳо кардам.
Чӣ ғуссаҳо хӯрдам,
Чӣ гиряҳо кардам.
Миёни тобистон
Хазон бапо кардам:
Чу барги шохи баланд
Фитода дар дами бод,
Ва ё чу мағруқе

Хамӯшу бефарёд…
Миёни тобистон
Чӣ зуду чӣ осон
Тиҳӣ шудам бе ту,
Чун даҳр бе инсон…

## «ДУНЁГИР»

Гарчи дунё гирифтан осон нест,
Лақаби туст – марди «дунёгир».
Қитъа - қитъа замини дунёро
Гӯиё мехӯрӣ чу нони фатир.

Дар хаёли ту, дар тасаввури ту,
Ҳама дунёст дар дами даҳанат.
Гар бихоҳӣ, фурӯ барӣ онро
Бо як имову як нигоҳи занат.

Пулу моли падар ки бисёр аст,
Ба гумонат сутуни дунёӣ.
Байни пиру ҷавон азизу шариф,
Ту гули маҷлисӣ, ту яктоӣ.

Аз ту ҳамсояҳот метарсанд,
Чунки ту зӯрӣ,
ту тавоноӣ.
Дар хаёли худу тасаввури худ,
Ростӣ ҳам сутуни дунёӣ!

Чун ба ҳавлии хеш менигарӣ,
Меҳаросӣ, ки тангтар шудааст.
То ки хобат барат ба худ гӯӣ,
Олам аз ҳавлии
ту сар шудааст!

Осмон бо ситораҳои баланд,
Маҳу хуршед ҳам аз
они ту ҳаст,
Лек рӯзе намешавӣ бедор
Бо ҳама ончӣ дорӣ андар даст…

## НОВДОН

Хуршед дар паси кӯҳ
Ғарқ аст ҳамчу моҳӣ.
Сар мешавад шаби тор,
Эй дӯст, дар куҷоӣ?..

Рӯят чу шамъ месӯхт
Дар дайри кӯҳнаи шаб.
Пайванд дод моро
Он дам фариштаи лаб…

Дарди кӣ дар дили туст?
Кишти кӣ ҳосили туст?
Зиндаст дар ту оё
Доне, ки коштам ман?

Бӯи ту оварад бод
Ҳар дам зи кӯҳсорон.
Бар новдони хомӯш
Номи ту рехт борон.

## ДАР ИН СӮИ ФОСИЛА

Номатро
Дар лоҷварди шабонгоҳи шаҳр меҷӯям,
Дар дуртарин чашмаи кӯҳистон,
Ҳангоме ки об
Андӯҳи бе ту буданро
Бо ман месарояд.
Садоятро мешунавам,
Ва интизориатро
Чун санги гӯри хеш
ба дӯш мекашам.

Бишнав!
Тардиде нест,
Фарёдест
ки бар фосила мепечад.

Дастҳоятро
Дар лаҳазоти ятими хотираҳо
фарёд мезанам,
Дар торикии тардид
Ва бунбастҳои нотавонӣ.
Дар фавосиле ки ҳеҷ гоҳ!
– Эй офтоби нимашабон –
Паймудан
нахоҳам
тавонист.

## ЗАМЗАМАЕ БАРОИ ТУ КИ ҲАНӮЗ ҲАМ ДУР АЗ МАНӢ...

Дар жарфнои хотираҳо роҳест
Барои расидан ба дӯстдоштаи ту!
Ман аз дурдаст меоям,
Аз поёни интизор
То оғози ишқ,
То фарёдҳои ношунаво,
То дидорҳои нобино,
То пайванди танготанги ду андӯҳи бузург
Чун бекаронагии осмонҳо,
То кӯтоҳтарин фарор аз қоби хеш
Ва расидан ба **мо**…
Эй марги марги ман!
Маро дарёб
Ки дар канори ту зиндаам.

## ДАР ШОМГОҲИ ҶАНГАЛИ ПОИЗ

Дар дуртарин шабҳои бету,
Ҷангали зумуррадин –
Он дилдода ба замзамаҳои озарангинро
Хоб мебинам,
Ки дар рӯзҳои меъод,
Дар сукути худовандии коҷҳояш,
Диламро

Чун фарёде нобаҳангом
Ба оҳанги ҷовидонаи марде шӯридахотир
Месароидам…
Дар он рӯзгорони обии беабр,
Дар шомгоҳи поиз,
Ман ба ниёиши хуршед
сар фуруд овардам
Ва бар хештан болидам,
Ва ба нерӯи лоязоли ту, эй ҷангал,
Рашк бурдам
Ва ман нотавонтар аз он будам
То симурғе бошам
Ва мардумони онсӯи уфуқро
Аз раҳоӣ паём оварам…

## БАДАХШОН

Ман ба ҳангоми ғурубат
Ба дилафсурдагии марде пир
Назар андохтаам:
Дӯшбораш –
Ҳама санг.
Рӯзгораш –
 Ҳама бӯидани гандум дар хоб.
Пои аспаш ланг
Ва нигоҳаш ғамнок.
Ман ба фарёди хурӯсони баҳор
Фасли поизи туро медидам.
Оҳ!
Пиндоштаниҳо зебост,
Ҳама сӯ роҳи раҳоӣ пайдост.
Оҳ!
– Бо ин ҳама пиндор –
Ман барои ту чиҳо сохтаам?

## ГРЕНАДА

Ва ман
Ошиқонатарин дардамро
Дар гулӯи ту
Фарёд мешавам,

Зеро
Дар ҷазирае, ки бо хештан нест,
Зода шудам.

Оҳ! Хоби сарчашмаҳои муқаддас
Дар обҳои гилолуд.
Оҳ! Парвози Симурғ
Дар қафасе танг
Чун орзуҳои кӯчаки мардоне
Ки дасту пояшонро
Бо ресмонҳои зебо бастаанд.
Оҳ! Зодан дар сарзамине, ки наҷвояш,
Навозишгари гӯши бегонагон нест,
Ки мехоҳанд
Ҳатто боронҳояшро
Боридане дигаргуна
биёмӯзанд
Ва мардумашро
Бар баландтарин маснади ҳақорат
бинишонанд.

Оҳ! Сарзамини матруки озодӣ!
Чӣ беҳудаст зиндагӣ,
Агар растохези туро
Марги ман насозад.

## АНӮША

Ту омадиву
нақши пот мемонад,
Ба рӯи реги соҳили дарё,
Ки мисли ман танҳост…

Ва офтоб
Дар он хонааш, ки ҳаст дар ҷангал
Ба хоб хоҳад рафт.
Парвонаи сафед,
К - имрӯз бо ту ошно шуда буд,
Дар хобгоҳи кӯчаки худ,
Ба рӯи барги дарахте,
Ба хоб хоҳад рафт.
Ситорае
Ки зи фарёди хурӯсони бомдод метарсид,

Инак барои ту
Бо он навозиши афсунгараш
Тарона мехонад…
Ту ҳам ба хоби ноз фурӯ меравӣ,
оҳиста - оҳиста

Ва хоб мебинӣ
Ва шаҳри офтобро
Ба хоб мебинӣ…

## ГӮРИ САРБОЗ

Боз бо нахли баланди лаби об
Моҳ мерақсад
Чун арӯсе зебо,
Мазҳари сулҳу сафо.

Гар дар оинаи он оби зулол
Моҳи рақсону сапедоре ҳаст,
Онсӯи чашма, вале
Гӯри хомӯши дилозоре ҳаст,
Гӯри сарбозест он тӯдаи хок.
Несташ ному нишоне ба ҷаҳон
Ба ҷуз он санги сиёҳ,
Ба ҷуз он хори мағелон дар бод,
Ба ҷуз он қомати танҳои гиёҳ.

Хоки бегона
Зери пояш будаст.
– То кадомин водӣ?
– То каноре бенур.
Байрақи мазҳаби тазвиру риё
Раҳнамояш будаст.
– То кадомин хуршед?
– То шаби тираи гӯр.

На варо шӯҳрату овозаи як марди далер,
На варо сарвати анбошта аз пирӯзӣ.
Мушти хокеву дигар ҳеҷ зи умр,
Ин бувад толеву инаш рӯзӣ.

Боз ҳам дар кобус
Менамояд фарёд
Модаре дар Аҳвоз,
Модаре дар Бағдод.

## БАРОИ ДУХТАРАКИ ФАЛАСТИНӢ, КИ ПАДАРАШ ДАР КУШТОРГОҲИ САБРО ВА ШАТИЛО ШАҲИД ШУДААСТ

Оҳ, эй духтаракам, гиря макун,
Падарат зиндаст
Дар хашми гиреҳхӯрдаи мардум.
Падарат зиндаст
Дар рӯҳи навозишгари борон.
Падарат зиндаст,
Аз дуртарин шаҳри ҷаҳон,
Хоҳад омад рӯзе
Ҳамчу пирӯзӣ…

## АЗ АНБӮҲИ ҲАЗОРОН СОЛ

Дар жарфҳангоме ки фардоҳост номаш,
Шохае нур
Аз дарахти ҷовидонагӣ
ҷорист…

Марде
Аз анбӯҳи ҳазорон сол
– кӯҳистони таърих –
Селоби тӯфонзодаро
пӯёст
Ва хуҷаста рӯзгоронрост
ҷӯё,

К – андаруни он ҳама вайронаҳои орзуҳояш
Дар хобгун устураҳо медид…
…У мерасад рӯзе канори чашмаи Хизр,
То сояи сабзи дарахти ормонҳояш.

## ҶУНУНИ ИШҚИ РАҲОӢ

Ситораҳои фиреб
Дар осмони дурӯғ
Маро ба шаҳри шабонгоҳ раҳнамо буданд.
Ва ҳамраҳони сустпаймонам
Онон ки бо паёмади фардо
Сахт ошно буданд,
Аз нимароҳ баргаштанд.

Ва ман ба шаҳри шабонгоҳ
роҳ паймудам.

Садои хастаи поям
Ягона ҳамсафарам буд.
Раҳтӯшаи диёри ҳақиқат
Оби зулоли чашми тарам буд.

Оё зи нокуҷо ба куҷо рафтам
Бо шабчароғи ҳодисае дар даст,
Дар дил ҷунуни ишқи раҳоӣ,
Дар сар рахнаи бунбаст?

## АЗ ФАРОСӮЙИ РАСИДАН МЕОӢ…

Ҳарфе
    ба содагии хок
Ва нигоҳе
Ба рӯшании об,
Аз ту
Ниёзи ман ин аст.

Дар рӯзи марги зимистонҳо
Аз фаросӯи расидан меоӣ:
Сапедае дар садо
Ва садое дар сапедасор.

Эй бартар аз нубуғ,
Зулоли ростӣ, ноби ноб,

Хушкистони рӯҳамро
Абри раҳмат бош,
Гоҳе,
      даме,
            нафасе,
                  бибор!
Ман дар сӯги мӯрчагон мемӯям,
Дар андӯҳам танҳо магзор!

* * *

Дар хуни ман ғурури ниёгон нуҳуфтааст,
Меҳру ситези Рустами Дастон нуҳуфтааст.
Дар тангнои синаи ҳасраткашидаам
Гаҳвораи басирати мардон нуҳуфтааст.
Пиндоштӣ, ки решаи пайванди ман гусаст?
Дар синаам ҳазор Хуросон нуҳуфтааст.
Хоки маро ҷазираи хушке гумон мабар,
Дарёи беканору хурӯшон нуҳуфтааст.
Холӣ дили маро ту зи тобу тавон мадон,
Шери жаён миёни наистон нуҳуфтааст.

## ҲАНГОМИ ШУКУФТАНИ ОЛУБОЛУ…

*Барои Кушиёри Порсӣ*

Нуҳуфтатарин розатро,
Бозгӯ мекунӣ
Сапеду ошкор,
Хамӯшу устувор,
Кушиёр!
Кушиёр!
Чашм аз рӯъёи рӯят сер нест….

Инак баҳор ҷангалҳои Нимост дар Мозандарон.
Ки ба пойиз мегарояд.
Агар ту наёӣ….

Дар нигоҳат
Шикастро намехоҳам

Ларзиши бими дубора барнахостан нест….
Бо вожагонат
Сангро об мекунӣ
Ва бар гулӯи кабутарони ғариб.
Чакка
Чакка
Чакка
Мечаконӣ…
Медонам.
Мебинам
Меойӣ
Оҳиставу нарм – нармак.
Бо парниёни гомҳоят.
Дар сукути ҳичистониён
Замзамавор,
Чӣ месаройӣ?….
Кушиёр!
Кушиёри бедор!
Ман киштиам, нишаста ба хушкӣ,
Бодбонҳоро биёр!
Ман садоям гирифта,
Ту бихон,
Бихон
Чунон ки метавонӣ…

*Маскав, баҳори соли 1992*

## ҲАВОИ РАФТАН ДОРАМ

Дар шомгоҳи абролуд
Ҳавои рафтан дорам…
Огоҳтарин ёронам наёмад,
Танҳо меравам…
Гуфтандам
Сипаридан натавонӣ,
Тавони рафтанро
Бояд вом бигирӣ.
Ё бимонӣ,
Ё бимирӣ.
Чораи дигаре надорӣ,

Агар хобидаӣ
В - агар бедорӣ,
Боре
Ман паймон нашикастам,
Раҳонидам,
Раҳо бахшидам,
Рафтаму ворастам.

*Маскав, тобистони соли 1992*

## ДАР ЗИНДАГИИ ДУВУМИ МАН

Дар зиндагии аввали хеш,
Чандсад сол пеш,
Дар кишвари ношинохта,
Як зани сода будаам.
Шояд
Канизаки подшоҳе
Ё ҳамсари деҳқоне,
Ё модаре,
Бо меҳрубонии модагурге захмин.
Бо бачаҳое, ки бояд
Ятим бимононанд.
Ё модашере
Ноком,
Ношод,
Ки фарзанде надорад…

Дар зиндагии дувуми хеш,
Танҳотарин марди ҷаҳонам
Нимаи бартари ман
Ҳанӯз
Чашм ба дунё накушудааст.
Ва фарзандонам
Дар орзуҳойи камрангам,
Нодидаҳову новарзидаҳоям,
Нозода мурдагонанд…

Оҳ, дигар мурғи дилам мурда аст.
Дар вожагони шифобахш

Фурӯ меравам,
– Зеро
Поёни сарнавиштам
Ҳамин аст
Дар зиндагии дувуми ман….

*Нидерланд, тобистони соли 1991*

## ДАР ҒУРУБИ ДАРЁ

*Барои Ҳабриела ва Ён - дӯстони Ҳоландӣ*

Оромише ёфтаам,
Осудатар аз дирӯзам
Дигар
Аз фикри рафтан
Растаам
Ва хиёли поён
Аз гиребонам намегирад…
Ингор
Чанд гоҳе ин бор
Метавонам бошам.
Осудатар аз дарёям
Ки меҷӯшад
Ва ман хомӯшам
Моҳигирон рафтаанд
Ва ман оромишро
Беҳтарин сайдам ёфтаам….
Дарё доност
Ӯ то кучоҳоро медонад.
Ӯ маро мешиносад
Ва ман
Чанд гоҳе дигар
Бо дарё фосила дорам….
Колбадам дар ӯ нест,
Нигоҳам дар ӯст,
Ва аммо дарё
Бо ман шабоҳате дорад –
То бихоҳад биравад ба нокуҷои дунё
Бояд виза дошта бошад…

*Нидерланд, тобистони соли 1991*

## САДОИ РАСТАНИЗОД...

Ситораборон буд
Дар он садо, ки шунидам.
Ва ниюшидам.
Ва рози махмал махмал дошт
Ба нози марворид
Сапедасоронро
Тароназорон буд…

Хурӯши ҷангал дошт
Навиди барг ба бод
Падидакорон буд
Парандаи фарёд…

Маро зи ҳичистон
Тавони рафтан дод
Садои жарфандуд
Садои растанизод….

*Маскав, баҳори соли 1992*

## МОВУ ШУМО

Ниқобдорони ҳазорчеҳра!
Гургзодагони мешпарварда!
Пистонҳои меши модаро бидрид
Ва решаҳои моро
Бо табарҳои такаббур бибрид!
Чун ба пиндошти шумо
Чорае, ҷуз ин нест
Чаро, ки шумо
Намеоед
Ва мо
На шумоем

Достонҳои куҳанро хондаем.
В - аз хиёнатҳо огоҳем
Ва бе айнак ҳам мебинем
Ки чӣ нағз
Ва чӣ устодона

## ЮСУФИ МОРО

Гумгашта эълон мекунед.
Ва Рустами моро
Ба чоҳи Исфандиёр меафканед
Ва парҳои Симурғи моро
Ба дастури арбоби бегонагон
Мефурӯшед
То тавонмандӣ аз онҳо бихаред.
Ва пой дар гулӯи фарёдамон бигзоред…
Ҳангоми суханпардозӣ гузаштааст!
Ман намехоҳам гӯши шуморо
Бо гавҳарҳои ноб
Навозиш диҳам…
Беҳтар он аст
Ки шумо, шумо бошед.
Ва мо, мо бошем.
То шояд рӯзе
Дар ойинаҳоятон
Мо ҳам хештанро
Аз нигоҳи шумо
Бишносем
Ва дарёбем, ки шумо
Дигар шумо нестед
Ва мо ҳам дигар
Он мо - и дирӯз нестем…

*Маскав, зимистони соли 1990*

## ДАРИЧАЕ БА СӮЙИ РАҲОӢ

Чанд гоҳе аст ба марг меандешам…

Танҳо пиндорам ин аст,
Ки фардо коре бояд кард,
Гиреҳеро боз намуд,
Душвореро осон сохт,
Ба дидоре расид
Ва бояд номае навишт

Ва интизор кашид
Ва чашм ба роҳ буд
Ва ё ба ҷое рафт…
Инҳо
Ва боядҳои бешумори дигар
Ҳар гоҳамро
Ба дарозои як ҷовидон мекашонад.
Ва ман аз андешаи мурдан растагор мешавам…

Танҳо тарс бо ман мемонад,
Бими танҳо будан
Ҳангоме ки ормонҳо
На саршори воқеиятанд
На зоёи ҳақиқатанд….

Дар рӯзгоре, ки фалсафаи шикам
Пой бар гулӯи ҳама фалсафаҳо мегузорад.
Чӣ ҷои мӯшикофӣ дар рози рӯиши гиёҳон аст?!
Ва чӣ ниёзе аст дидагонро
Дар тамошои ангезаҳои рангу рӯшноӣ
Ва ларзиши насим
Бар ойинаи хобгунаи об!….

Оҳ, дигар аз дониши хӯрдану нӯшидан хастаам
Аз куҷо дарёбам
Аз кӣ бипурсам
Ки оё
Пас аз поён
Миёни зодану мурдан
Чӣ ҳаст
Ва чӣ метавонад бошад

Чаро танҳо ман наям,
Ки дигарон низ
Маргро пазиро нестанд.
Ва баҳонаҳоро
Бо карашмаҳои мантиқ
Пироиш медиҳанд…
Чаро, ин ҳама фаро аз фарҷоме ки ногузир, меояд?!

Ба ёдам мерасад,
Ки фардо коре дорам
Ва ба дунболаш бояд биравам
Пас ман ҳам гурез, гоҳе дорам
Даричае ба сӯйи раҳойӣ…
Ва марг
Бигзор ба дунболам биёяд
Зеро
Вазифааш ин аст…

*Маскав, баҳори соли 1991*

## ҚУФЛИ ШИКАСТА, КАЛИДИ ГУМШУДА

*Савгандномае барои қурбониёни найранги хунини февраpermit соли 1990 дар Душанбешаҳр.*

Сапедорон пой дар гул
Қоматбарафрохтагон оташҳои нуҳуфта
Дар гузаргоҳи бодҳои ошуфтаву хомӯш.
Дар ҳичистони азизон,
Дар яхбандони сукут.
Тарс
ва интизор…
Бар мо чӣ мегузорад!?
На дасте,
На калиде!
Оё тилисмро
Чӣ гуна ба нохун метавон шикаст?!

Афсунгарон, афъӣ бедор,
Ҳанӯз най менавозанд.
– Яъне –
Нӯшдоруи Сӯҳробро
Аз коми мор меҷӯяд!

Меҳмонҳои нохонда,
Ҳар он чизеро, ки фурӯзонанда бошад,
Аз чашми кӯдакони шӯхи саркаш
Пинҳон мекунанд.
Каронаҳои хомӯширо

Фаро кард…
Меҳрварзидани бод,
Бо густураҳои нобовар.
Фарёди баландовозаи оғози кадом поёне аст,
Ки ман намешиносам?!

Биё ба жарфистон биравем!
Он ҷо фариштагони бе фано
Ҳанӯз
Он мужда бар лаб нишастаанд…

Дастаро ба дастам бовар кун
Боваратро ба боварам
Ман роҳи расиданро медонам
Сароб нест
Биё
Биё, ки рӯз нима шуда….

*Маскав, тобистони соли 1993*

## САДОЙИ ПОЙИ ВОЖАҲО….

Раҳойӣ чист?
Растагор куҷост?
Ҳақиқат чӣ маънӣ дорад?
Оё истиқлолро низ маззае ҳаст?!
Ҳой, оташгун вожаи муқаддаси озодӣ
Дар кадом фарҳанг ҷустуҷӯ бояд кард?!
Дар «Ғиёс-ул-луғот»
Ё дар «Бурҳони қотеъ»?!

Дар ҷангали вожаҳо паноҳ меёбам…
Ин ҷо пулуште нест!
Покандешӣ бар маснади Худо аст
Ва роҳи пучанапулшон ва ҳичпиндорон бастааст…
Ва насими дарё
Атри мастиовари худшиносӣ дорад
Ва киштибони ҷавон
Оҳиста - оҳиста бедор мешавад…

Ман аммо
Дар ин каронаи зиреҳпӯшидаи шабзиндадорӣ
Бо наррашерони дастомӯз паймон бастаам.

Ва садои пойи вожаҳоро
Дар сутуни мӯҳраҳоям мешӯям…
Раҳойӣ чӣ ранге дорад?
Растагори номаш чист?
Ҳақиқатро кӣ дидааст?
Ва оё меваи истиқлол
Дар шохи дарахти кадом мӯъҷиза пинҳон аст?!
*Душанбешаҳр, зимистони соли 1989.*

## «ШОҲНОМА» МЕХОНАМ….

Садои баланде
Ки гӯшнавоз бошад надорам…
Вале ин дигаронанд,
Ки ба оғӯши шеронаву палангона
Ғавғое бар по мекунанд,
Фарёдҳое аз сина бармекашанд.
Вале ман ҳамчунон садоям хуфта дар гулӯ,
Шармсору хомӯш
– Нӯшдоруи пас аз марги Сӯҳроб
Шармсору хомӯш
Ва оҳиста - оҳиста
Бо тарсу ларз
«Шоҳнома» мехонам…
*Душанбешаҳр, зимистони соли 1988*

## РОҲИЁНИ ШАБНАВАРД

Киштии мо роҳист
Ташнагон бисёранд
Нохудо медонад
Соҳиле пайдо нест…

Ҳар куҷо менигарам.
Обу обу об аст
Чатри болои сарам
Партави маҳтоб аст…

Нохудо мегӯяд
Чашмро боз кунед

Шуд намоён соҳил
Базмро соз кунед…
Мӯҳри хомӯшӣ, вале
Бар лаби мост ҳанӯз
То куҷо раҳсипарем
Аз дили шаб то рӯз?!

*Кобул, соли 1987*

## ТАРОНАИ МАРДИ ҒАРИБ

Худоё, бе Ватан, мемирам охир,
Ва бе гӯру кафан, мемирам охир.
Агарчи ваҳдати ҷону танам ҳаст.
Парешонҷону тан, мемирам охир

Ватанхоҳони худхоҳу дурӯғин,
Лаҷоми ёваро сар дода имрӯз
Даҳоншон каф кунад аз доду фарёд,
Ба хилват, лек хомӯшанд释 мармуз…

Ман аз пиндорашон огоҳам, эй ёр,
Ман аз фарёдашон безорам, эй дӯст.
Ва ин бегонагони худнаморо
Ба гӯристон надидан низ некӯст…

Шигифт ояд маро з - ин ҳуққабозон,
Ки дар пиндори худшон беназиранд.
Ба зоҳир подшоҳу хону султон,
Ба ботин лек ноаслу ҳақиранд…

Дар ин давлат, ки мо давлат надорем,
Ватан бозичаи дасти дигарҳост.
Ман он дардам, ки дармоне надорад,
Ман он мардам, ки бедор асту танҳост…

*Душанбешаҳр, соли 1990.*

## БАРОДАРОНИ ЮСУФ ВА ДИГАРОН…

Ва ман дар обҳои таболуд ҷасорати шино кардам
Ҳамоқат, аммо милоди ҳодисаҳост…
Калима маҳдуд аст
Фазои он барои раҳидан муҳайё нест.
Шитоб бояд кард,
Шитоб
бояд
        кард!
Зеро рукуд модари марг аст!
Бародарони Юсуф
Ба дидагони падар хок мепошанд,
Касе, ки мукофоти амал медиҳад.
Ҳанӯз пайдо нест…

Ҳуш дор!
Бо хатар чӣ нард мебозӣ?!
Ту он наӣ, ки рамузи раҳоӣ медонад!
Шитоб чаро!?!
Ин ҳама фарёду изтироб чаро?!
Хамӯш бош! Хамӯш…!

Калима маҳдуд аст…
Фазои он барои раҳидан муҳайё нест…
Маро ҳавои вожа ба жарфои хеш мехонад…
Шитоб бояд кард,
Шитоб
        бояд
                кард!
Зеро сукут модари марг аст…!

*Душанбешаҳр, зимистони соли 1989.*

## «МО» БОШЕМ…

Даричаҳои хунамро боз мекунам,
Ва дар раг замоне фарёд мезанам:
«Ҳой мардум,
        мардум,
                мардум!

«Ман» - ҳои танҳо бас аст
Биёед
    якҷо бо ҳам «Мо» бошем!
«Мо» - е, ки ҳич «ман» - аш шикастан натавонад.
Биёед, якҷо бо ҳам,
 «Мо» бошем!
«Ман» -ҳои танҳо бас аст!

*Душанбешаҳр, зимистони соли 1989*

## ҲАВОИ РАХНАИ БУНБАСТ…

Ситораҳои фиреб,
Дар осмони дурӯғ,
Маро ба шаҳри шабонгаҳ раҳнамо буданд.
Ва ҳамраҳони сустпаймонам,
Онон, ки бо паёмади фардо,
Нағз ошно буданд,
Аз нимароҳ баргаштанд.
Ва ман ба шаҳр шабонгоҳ роҳ паймудам…

Садои хастаи поям,
Ягона ҳамсафарам буд.
Раҳтӯшаи диёри ҳақиқат,
Оби зулоли чашми тарам буд…
Оё зи нокуҷо ба куҷо рафтам?!
Бо шабчароғи ҳодисае дар даст,
Дар дил ҷунуни ишқи раҳоӣ.
Дар сар ҳавои рахнаи бунбаст.

Оё зи куҷо ба куҷо рафтам?!…

Фурӯтанони сар ба меҳр…
Айёрони Хуросон
Фурӯтанони сар ба меҳр
Оҳой, кӯҳмардоне, ки ҳар якатон
Метавонист
Марвориде дар гӯшвораи таърихи башар бошад.
Куҷоед?!
Ҳангоме ки ман
Танҳойи – танҳо месароям.

Ва гулӯям гирифта,
Ва садоямро, шояд ҳич кас намешунавад,
Ба ҷуз бод,
Боди танҳотар аз ман.
Боди саргардон…

Айёрони Хуросон
Куҷоед?!
Дар хок…

*Душанбешаҳр, соли 1989.*

## ҲАВОИ РОҲИ ДИГАР ДОРАМ…

Фарёди санг,
Ҳодисаи парвоз,
Оғози нур.
Рафтану баргаштан…

Ман бо ту лек ҳарфи дигар дорам,
Аз дард, аз ниёз хабар дорам.
Бо ман биё, ки азми сафар дорам,
Шӯре ба сина, замзамае бар лаб.
Дар сар ҳавои роҳи дигар дорам,
Бо ман биё, ки азми сафар дорам…
Эй ёр, ёр, ёри самарқандӣ?!
Оё, ту аз барои чӣ побандӣ?!
Оё ба сарнавишти кӣ механдӣ?!
Бо ман биё, ки азми сафар дорам.
Шӯре ба сина,
Замзамае бар лаб.
Дар сар ҳавои роҳи дигар дорам

*Кобул, тобистони соли 1986.*

## ОН ДУХТИ КӮҲСОР НАЁМАД…

*(Илҳом аз ғазали баланди Латифи Пидром,*
*шоири тоҷики Афғонистон)*

Гул н - омаду баҳор наёмад,
Пайке аз он диёр наёмад.
Шаб рафту рӯз рафт, маҳу сол,
Он духти кӯҳсор наёмад.
Бар хушксоли синаи доғам,
Боре чу рӯдбор наёмад.
Ларзид ҳар ситора, чу бишнид.
Фарёдам: «Он нигор наёмад!…»
Пас оби чашму хуни дилам рехт,
Ин нахли ман ба бор наёмад.
Умре дар интизор нишастам,
Аз роҳи интизор наёмад…

*Кобул, баҳори 1986*

## СӮГНОМАЕ БАРОИ ҚАҲҲОРИ ОСӢ

*(Сурудгари тоҷики Афғонистон, ки дар*
*соли 1994 милодӣ ба дунболи инфиҷори*
*як мушак дар Кобул дар хонаи*
*падарзанаш кушта шуд…)*

Ба номи Худованди доду хирад

Гули ӯро аз хоку оби сарзамини фарҳангие сиришта буданд, ки дар тангнои ҷуғрофиё ғунҷоиш надорад. Ӯ шефтаи зебоиҳои марзу буми дӯстдоштаниаш буд. Ӯ сурудгари шаҳоматҳои бе ҳамтои мардуми ғурурофаринаш буд, Қаҳҳори Осӣ дилнишин таронаҳоро дар ситоиши шаҳри шукӯҳманди Кобул бисуруд ва дар фарҷоми кор захмҳои шифонаёфтаи шаҳри азизашро бо ҷомаҳои марсияҳои андӯҳгинаш марҳам кард. «Ба хона растаме, ба хона ораме» - Ин вожагони ӯст, ки Фарҳоди Дарё ба тору пуди оҳанг танида аст ва дар гӯши ҷонҳои мо taнинандоз аст. Ӯ фарзанди офтоб буд ва инак ба меҳмонии хок рафтааст. Хоке, ки решаҳояш бо он гусастнопазир буд. Равонаш шод бод ва корномааш мондагор.

Номат
Шикастани қафаси Симурғ дар фарёд.
Номеҳрубону саркаш,
Бо дурӯғу пулуштӣ…

Фарзанди офтоб,
Дар меҳмонии хок.
Дарахте дар реша дар ҷазираи хун.
Суруди гулӯ бурида
Ниёиши бевагон
Дар шомгоҳи оҳи ятимон…

Қаҳҳор!
Ингор,
Нома бароят менависам,
Зеро ҳанӯз,
Маргатро бовар надорам…

*Маскав, зимистони 1994*

* * *

Андешамандона,
Ларзид дар моҳтоб,
Оби хоболуди рӯз,
Ингор,

Медонист –
Андозаи боди шабонгоҳӣ аст.
Ин ҷунбиши бетоб…
*Маскав, соли 1994*

## ЮСУФ МОНДЕЛШТОМ

*(Аз сурудгарони даҳаи 30 дар Русия)*

* * *

Мо аз зиндагии бедардисар девона шудаем,
Аз бом то шом.
Бода мехӯрему хумор мешиканем…
Боре,
Чӣ гуна нигаҳ дошт бояд.
Шодмонии пучу гулгун рухи туро,
Эй вабои маст!

Дар дастфишориҳо,
Ойини руховарӣ аст.
Дар кӯчаҳо,
Бӯсаҳои шабонгоҳӣ…
Ҳангоме, ки чаккаҳои оби рӯдхона сангинтар мешавад.
Ва чароғҳои хиёбонӣ,
Машъалвор месӯзанд…

Маргро,
Ингор гурги афсонавиро,
Чашм ба роҳ нишастагонем…
Боре
Бими он дорам
Ки пеш аз дигарон хоҳад даргузашт,
Ҳамоне, ки даҳонаш сурху бимнок.
Ва гесувон
Чашмонашро мепаноҳад…

*Баргардон шуда дар зимистони 1994, Маскав.*

* * *

Суми аспон
Ҳамвора аз замонаҳои содаву хашин мегӯяд,
Ва фаррошҳо,
Пӯстинҳои сангиншон бар тан,
Рӯйи нимкатҳои чӯбӣ хуспидаанд…

Дарбон
Бо танбалии подшоҳон,
Аз садои кӯбидани дарвозаҳои оҳанин баланд шуд,
Ва хамёзаҳои дадхӯёнааш
Ёдовари симои туст, «Скиф»
Ҳангоме ки «Овиди»
Бо ишқи фарсуда.
Дар таронаҳо «Рум» - ро бо барф дарҳам меомехт,
Ва аробаи баста ба барзаговҳоро месарояд
Дар юриши аробаҳои барбарон…

*Баргардон шуда дар зимистони 1994, Маскав*

## АЗ КУҶО БАРГАРДАМ?!

Падарам,
Дар ҳама паҳнои ҷаҳон,
Хона аз гил дорад…
Боғча рӯйи кафи дасти Худо мерӯяд.
Ва дарахти бодом
То ба ширинсамариҳои балоғат бирасад.
Борҳо
Меваи талх ба бор оварад…
Модарам мегӯяд,
Мо ҳама аз хокем.
Ва ба хок
Боз бармегардем…

Барф меборад,
Роҳро гум кардам
Ва намедонам,
Ки ба он боғчаи рӯйи кафи дасти Худо,
Аз куҷое,
аз куҷо баргардам?!..

## МАНЗИЛ ХАРИДАМ…

Дар хиёбоне, ки баргардони номаш аз русӣ ба форсӣ «Ҳақиқат» аст.
Манзил харидам –
Як утоқ барои яке танҳойӣ…

Инак, тамоми қаламрави ман –
Ҳаждаҳ метри мураббаъ,
Яъне чаҳор гӯша…

Як телефон,
Ки забони модариамро намефаҳмад,
Ва пӯшокдони чӯбӣ, ки номаш «Шифонер» аст…
Як ойинаи қаднамо
Ва бозтоби нигоҳи хаставу камумед
Дар жарфнойи он…

Ҳама чизи ин хона яктоӣ аст,
Ёдгоре аз худхоҳӣ аст.
Ва аммо баъд аз ин,
Ғунҷоиши дардҳои бешумори шуморо ҳам дорад…
Бо садои мошинҳои хиёбон,
Дар шаҳри бегонапарастон,
Бедор мешавам…
Эй кош, дусад сол пеш бедор мешудам,
Ва танҳо намебудам
Мо мебудам…

Хоб мебинам,
Ки дар ин қаламрави маҳдуд,
Сарзамини Озодистон месозам,
Ва мепиндорам,
Ки дигар ҳичистонӣ нестам –
Ҳар чӣ будаам,
Ҳастам!
Ва ҳар чи бояд бошам ва набудаам,
Ҳастам.
Ҳар чӣ мехоҳам бошам
Ва намехоҳанд, ки бошам,
Ҳастам!..
Ва ин ҳам қаламрави ман.
Сарзамини шумораи чиҳилу нӯҳ,
Дар хиёбони «Ҳақиқат»,
Аз Искандари Хатлонӣ…

Агар шумо низ,
Кишвареро шерманд, обод кардаед,
Ба номи поки Худойи гумноми мо – Оҳура Маздо,
Савганд мехӯрам!
Ҳар гоҳ ки бихоҳед,
Озодистонамро,
Ба шермарди ободи шумо мепайвандам.

*Душанбешаҳр, зимистони 1989*

## НАВИШТАЕ БАР САНГИ РӮЙИ ГӮРИ СУХАН

Сурудгарони ту хомӯшанд, Меҳан!
Булбулон дар зимистон –

Анбӯҳе аз холӣ,
Ҳама ҷоро пур карда…

*Маскав, зимистони 1996*

## ХОБИ САНГИНУ ОҒОЗИ НАНГИН

Ҳангоме ки ман,
Дар хоби сангин фурӯ рафта будам,
Солор бедорон,
Дар сарзамини сахти ман,
Барои гӯрканҳо
Ҷои муносиб
Ҷустуҷӯ мекарданд…
Шиноварони дарёи хун,
Мумтоз буданду беҳамто
Ва чӣ ҳунарварона иҷро мекарданд
Нақши гургзодагони мешпарвардаро!
Ва ман ҳамчунон фурӯ рафта будам,
Дар хобе сангин,
Ғофил аз он чӣ, бедорон
Бо хуспидагон раво диданд…
Ғофил аз оғози нангин…
Ва ман фарёдам, дар гулӯ шикаста буд…
Ва ман дасту поям санг баста буд…
Натавонистам баланд шавам.
Чун
– дигарон тез –
Дар хоби сангин,
Фурӯ рафта буданд…

*Маскав, соли 1992*

## МИЛОДИ ОҒОЗ

Марде меояд,
Аз кӯҳистон,
Ва бо абрешими қадамҳояш
– Яъне –
Бо парпиёни гомҳояш
Бар ҷонҳои хастаи мо,
Марҳам мегузорад…

Шифо мебахшад…

Марде меояд, ки дуруст,
Зодаи зулоли ашки мӯрчагон аст.
Ва ҳангоми роҳ рафтан,
Хокро озор намедиҳад…

Ӯ хокзода аст,
Ва оташро мепарастад
Агар хонаҳову дилҳоро гарм кунад…
Худоё!
Худованди коро!
Яздоно!
Парвардигоро!
Ҳамаи номҳоятро
Медонам!
Мешиносам!
Ба ин миллати озурдаҷон, раҳмат овар!

Ман хоби наҷот
– Яъне –
Раҳоишро дидаам!
Таъбири хобамро ба фоли нек бигиред!

Пирамарди гесӯсапед,
Пироҳани сапед бар тан,
Ва чӯбдасте аз ишқи озодӣ ба каф,
Бо ман сухан гуфт:
«Роҳ дур аст,
Ва расидан душвор…
Пайравонатро бо худ бибар…
Роҳро гум макун…
Ҳар он ҷое ки парандае дидӣ,
Пеш бирав…
Ба фарёди бегонагон
Гӯш мадеҳ…
Матарс…
Бимнок мабош…
Гӯ ин мардумро ба роҳи рост бибар…
Поёни кор,
Чидани сангҳо,
Нарм кардани хок,
Ва коштани дона аст…

Бирав…худо ёрат бод!…»

Марде меояд
Аз кӯҳистон…
Ман номи зодгоҳашро,
Ба забон намеоварам,
Зеро тангдилон фаровонанд,
Ва метавонанд,
Ӯро чашм кунанд!..
Ман номашро ба шумо нахоҳам гуфт…
Ва нишониашро нишон нахоҳам дод…
Шумо худ ӯро бишносед
Ва бо ӯ биёед…

Марде меояд
Аз кӯҳистон…
Имрӯз ё фардо!?!…

*Маскав, 18 феврали соли 1997*

## ДАР САРЗАМИНИ ТАЛХИ ҶУДОӢ

Тасвири модаркалонамро,
Дар ниҳонхонаи ёдам ёфтам:
Ангуштариҳои нуқраӣ.
Ва лоҷварди Бадахшон,
Ва фирӯзаи Эрон,
Ва марҷонҳои Ҳиндустон…
Ва хотираҳое аз хешовандони он сӯйи рӯди Ому…
Вале нигоҳ:
Аз он сӯйи садаҳо,
Аз фаросӯйи таърих,
Бо ман чӣ мегӯяд?!
Лабони омодаи милод кадом вожа аст?…

Маро бо худ набурд,
То бимонам,
Ва ҳастидани ҳафт пуштам бошам.

Ва чеҳраи ононе,
На тасвире доранд
Ва на пайкарае бар сари гӯр…
Танҳо номеву ёре,
Дар зеҳни фаромӯшпешагон…

Ва абрҳои сафед,
Номи модаркалонамро,
Бар баланд гунбади обӣ,
Менависад:
Бибии Сафармоҳ –
Духтари кишоварзи порсо
Ва модари ятимони бе сарпараст,
Модари насли як нохудогоҳ…

Тасвири модаркалонамро,
Ба достони умрам,
Ба духтаракам,
Ба Анӯша
    месупорам…
Ман ба номаш бовар дорам.
Ӯ ҳастидани ҳафт пушти ман аст,
Ва ягона ҳамзабонам,
Дар сарзамини талхи ҷудоӣ…

*Маскав, баҳори 1991.*

## ҲАМСОЯИ ЧАҲОРУМ ВА ҶАНГҲОИ ДУРДАСТ

Ман хонаводаеро мешиносам, ки чаҳор ҳамсоя дорад…
Наздиктарини эшон,
Солҳост бо бародаронаш,
Бар сари тақсими мероси падар,
Ва ба дилхоҳи бегонагон
Ба даъво нишастааст…
Худоё, ба роҳи росташ ҳидоят фармой!…

Дуввумӣ ҳамсояест бе дарди сартар,
Ҳар гоҳ ба меҳмонӣ омада аст,
На санге дар бағал,
Ва на море дар остин доштааст
Эй кош, Худовандаш чунин нигаҳ дорад!…

Хонаводае, ки ман мешиносам,
Ҳамсояи дигаре дорад –
Хонаашончунон бузург,
Фарзандонаш он қадар бисёр,
На камтар аз ҳафт осмони ситоразор…
Ва ҳар ҷо ки пойи падаркалони падаркалонаш
расида бошад,
Он ҷоро бахше аз хонайи худ мешуморад…
Худовандаш аз дастдарозӣ нигаҳ дорад!…
Хонаводаеро, ки ман мешиносам,
Боре море сахт газида аст.
Ва ҳамсояи чаҳорум,
Бар захми вай намак пошидааст,
То роҳи хонаи ниёгонашро фаромӯш кунад.
Ва дар хонае, ки дорад,
Иҷоранишини ҳамсояи чорум бошад.
Ва миннатпазири ҷангалҳои дурдаст…
Худоё
Хонаводаеро, ки ман мешиносам,
Ба шифои комил бирасон!…

*Маскав, 22 декабри соли 1997*

## КУШОИШ

Дар бепаноҳие шабе будам,
Бе шаклу мазмун…
Сояи девор баланди ноилоҷӣ…
Оташаке нимаҷон
Дар хокистар надонам чӣ кунам…

Ту аз куҷо омадаӣ?…
Хобамро чӣ гуна дидаӣ?
Ному нишонро кӣ бароят гуфта аст?…
Бигӯ, ту аз куҷо омадаӣ?…
Оҳ, эй Худо навҷавониамро баргардон!
Мехоҳам тамоми ситораҳои осмонро бишморам,
Ва якеро ба рӯйи кафи даст бигзорам.
Ва дар сиёҳии мардумаки чашмонат ғарқ шавам.
Оҳ, эй Худо маро ба навҷавониам баргардон!

Ту аз куҷо омадаӣ?
Бигӯ, ту аз куҷо омадаӣ?
Пушти дарвозаи бастаи Бағдод,
Танҳову хастаҷон истодаам,
Оё ту ин гиреҳ, ин дарвозаро,
Ба рӯйи халифаи пиру нотавон.
Мекушойӣ?
Бигӯ, ту аз куҷо омадаӣ?…

*Маскав, 6 январи 1998*

## МЕДОНАД, КИ ЧӢ ГУНА ДӮСТ ДОРАМ…

Дӯст дорам,
Онгуна ки замини ташна
намидани боронро
Ва ширхори гурусна,
Макидани пистонро.
Дӯст дорам
Онгуна ки марди пиру бемору нотавон,
Вопасин бор,
Бармехезад аз бистари марг
Ва бар рӯйи поҳояш
Устувор меистад,

Вопасин бор…

Дӯст дорам
Онгуна ки шамшер ғилофро,
Ва сарбоз захми сипарро
Ва камон пайконро
Ва пайкон нишонро…

Дӯст дорам
Онгуна ки худат
Ва худам
Ва Худои мову ту медонад
Ки чӣ гуна дӯст дорам…

*Маскав, 8 январи соли 1998*

## БА ҶУЗ ВОЖА ДИГАР ҲИЧ НАДОРАМ…

Ба ҷуз вожа дигар ҳич надорам,
Пойандози туро аз чӣ бисозам?!
Хуни ман дар рагҳои ту медавад,
Хуни ман дар рагҳои ту фарёд мекашад.
Ва таронаҳои кӯҳистонӣ мехонад…

Аз ту ғамгинам,
Аз ту шодам.
Дар ту асирам,
Дар ту озодам.
Аз ҳама буридам,
Бо ту пайвастам…
Ман хастаам.
Хастагиамро ҳич кас намебинад.
Ҳама бо ман лоф мезананд,
Ҳарзаҳо,
Пучандешону ҳичистониён
Аз ман рӯй бармегардонидаанд.
–Зеро –
Бегонагиамро бо хеш дарёфтаанд…

Ман аммо
Гоҳе ба марг меандешам
Ва мурданамро тасаввур мекунам,

Нафасамро дар қафаси синаам ҳабс мекунам.
Таппиши қалбамро намешунавам
Ва дигар мурдаам
Эй кош маргамро модарам набинад…
Ва гоҳе гумон мекунам, ки ман як дарахтам,
Сокиту сабзу сазовори хештан,
Дар истиқлоли худ устувор
Ва дар баробари бодҳои бебунёд,
Сар хам намекунам,
– Зеро –
Дарахтон баланд истода мемиранд…

Дар хилвати вожаҳо нерӯе ҳаст,
Ва ман метавонам
Чашмро бинотар аз он созам, ки дар рӯзи равшан,
Марде дар ҷустуҷӯйи хештан гумроҳ набошад.
Ва ҳақиқат рӯсапӣ нашавад…
Сари ин ришта дароз аст,
Гуфтаниҳоро барои рӯзи мабодо бигзорем.
Ва садоямонро сайқал диҳем,
То ханҷари ноби ғуруррамон,
Дар ғилофи буздилӣ занг назанад…
Ханҷари ғуруррамонро сайқал диҳем,
Барои рӯзи мабодо сайқал диҳем…

*Душанбешаҳр, зимистони 1989*

## «ЭЙ ДӮСТ ДАР КУҶОӢ?»

Вақте хабари марги Искандар бори аввал аз тариқи «оинаи нилгун» садо дод, бачаҳоям ҳайрон ба рӯи ман нигариста суол карданд:

-Ин ҳамон Искандар аст? Ҳамоне ки дар хонаи мо меҳмон буду бо мо шашкабозӣ карда?

-Ҳа, ҳамон Искандари шоир аст, - гуфтаму нафасам дар гулӯям печид, дар чашмони бачаҳоям ашк ҳалқа зад.

Ман низ муддатест аз марги нобаҳангоми дӯст чун шамъ месӯзаму дарунӣ гиря мекунам, ба қотилаш лаънат мехонам. Охир ман бо дӯстам ҳанӯз сӯҳбатҳое наороста ва суханҳои бисёре нагуфта доштам. Ӯ як ҷаҳон шеъру ғазалро бо худ ба хоки сиёҳ бурд. Ҳарчанд дар ҷодаи душвору ноҳамвори шоирӣ аз бисёр ширинихои зиндагӣ маҳрум мондам, вале аз он меболам, ки маро ин пеша бо бисёр шахсони нотакрору хушбину нексиришт ҳамсӯҳбату ҳамнишин кард.

Ҳангоми дар ноҳияи Дарбанд кор карданам, ҳар боре ки аҳли қалами ҷумҳурӣ ба хидмати сафарӣ меомаданд, аввал маро суроғ мекарданд. Дар хонаам меҳмон мешуданду базмҳои шеър меоростем.

Ин гуна вохӯриҳо бо устод Бозор Собир, шодравон Мавҷуда Ҳакимова, Қувват Давлат, Низом Қосим, Акбар Шариф ва шодравон Искандар ба вуқӯъ пайваста буд, ки дар сафҳаи хотироти ман ҷовидонӣ нақши ширину гуворое гузоштаанд.

Зимистони солҳои 1988 - 89 буд. Ман бо коре се рӯз ба сафари хидматӣ дар шаҳр будам. Вақте аз сафар баргаштам, маро дар кумитаи ҳизбӣ гуфтанд, ки шоире ду рӯз боз суроғат дорад.

Ба меҳмонхона рафта Искандарро дидам. Искандаре, ки даҳ сол пазмонаш будам. Ӯ дар ин муддат дар нашриёти «Прогресс» - и шаҳри Маскав кор мекард. Ӯро оғӯш карда, аз ҳолу аҳволаш пурсон шудам.

Маълум шуд, ки Искандар ба шаҳри Душанбе омада, дар идораи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ифои вазифа мекардааст. Ҳафтае пеш дар хоҷагии «Миёнаду» аз офати табиӣ деҳае зери лойоба монда, аҳолӣ талафоти ҷонию молӣ дида буд ва Искандарро аз идора барои мавод тайёр кардан фиристода буданд. Ӯ арз кард, ки ду рӯз боз дар ин ҷосту барои то деҳаи Миёнаду рафтан касе мошин намедиҳад.

Дар фасли зимистон сафари роҳи хоҷагии «Миёнаду», ки аз маркази ноҳия 100 километр дур аст, хеле душвор буд ва дар ин

фасли сол на ҳар кас ҷуръати сафари он ҷоро дошт. Бахусус ҳангоми аз сангҷарҳо рехтани санг дар ин гуна сафарҳо ҷони кас дар баданаш бозӣ мекард.

- Дӯстам, хотиратро шод гир, агар хоҳӣ ҳозир ба он ҷо роҳӣ мешавем, лекин сафари субҳ беҳтар аст, зеро саҳар сангҷарҳо яхбастаанду санг камтар мефарояд. Ӯ қабул кард. Ронандаро супориш додам,ки рафта ба сафар тайёр шавад. Баъд мо ба шеърҳои тозаи ҳамдигар шинос шудем.

Вақте ки ман шеъри «Кӯҳистон» - ро хондам, Искандар хоҳиш кард, ки як бори дигар хонам:

*Кӯҳсорон, кӯҳсорон*
*Эй диёри ҷумла мардони пурармон*
*Сарзамини сахтсарҳо*
*Эй самои шоҳпарҳо.*

- Ман сарлавҳаи мақолаамро аз ҳамин шеъри ту мегирам, - гуфт ӯ ва дар ҳақиқат мақолааш баъди анҷоми сафар дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» бо номи «Сахтсарони кӯҳистон» чоп шуд.

Рӯзи дигар мо роҳи деҳаи Миёнадуро пеш гирифтем. Барфи боронолуда меборид. Ба сарамон ҷо - ҷо аз сангҷарҳо сангчаҳо ҳам рехт. Шом ба деҳа расидем, моро раиси хоҷагӣ Ғайратов ба хонааш бурда, хуб меҳмондорӣ кард.

Саҳар ба ҷои воқеа рафтем. Манзараи мудҳишро бо чашмони худ тамошо кардем. Чанд хона ба зери хок монда буд. Фавтидагонро кофта гӯронда буданду маҷрӯҳҳоро дар шифохона хобонда.

Мо якҷоя ба шифохонаи хоҷагӣ ба аёдати беморон омадем. Искандар бо онҳо кӯтоҳу пурмаънӣ сӯҳбат кард. Фаҳмидем, ки ба зарардидагон кӯмаки моддӣ расонидаанд. Беморон ба Искандар нигоҳи меҳролуда ва пур аз миннатдорӣ карда, гуфтанд, ки баъди ин воқеа аввалин рӯзноманигор аст, ки аз аҳволи мо хабар мегирад.

- Аз мо як каф дуо, - гуфт Искандар ва даст ба рӯ кашида дар ҳаққашон дуои нек карду аз шифохона берун омадем.

Рӯзи дигар ба маркази ноҳия омада, дар чанд маҳфилу мактаб вохӯрӣ гузаронда, шеърхонӣ кардем. Бегоҳӣ ба хона рафтем.

Мехостам вохӯриашро бо сокинони ноҳияи нав гузарад вале дидам, ки ӯ андаке хаста шудаасту бо бачаҳоям бо завқ шашкабозӣ дорад, дигар беқарораш накардам.

Баъди ҳамин сафар, ҳар боре ки бо шиносе ё наздике

вомехӯрдам, мегуфтанд, ки Искандар шуморо доим сифат мекунаду ягона ҷавонмард аст, мегӯяд. Ман андаке хиҷолат кашида мегуфтам, ки мо бо мошин сафар кардем, вале агар лозим меомад барои Искандар пои пиёда ҳам, ҳатто дар зимистони қаҳратун, то он деҳаи офатзада мерафтам.

Искандарро ҳанӯз аз рӯзҳои аввали дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон хонданам мешинохтам. Ӯ дар омӯзишгоҳи сохтмон мехонд. Бисёр вақт аз дарс баромада медидам, ки ӯ дар даҳлези донишгоҳ маро интизор аст. Мо якҷоя чой мехӯрдем. Бештар ба тамошои фавводаҳои назди театри опера ва балет меомадем.

Искандар забони русиро ҳамон солҳо ҳам хуб медонист ва бисёр ширину зебо ҳарф мезад. Ҳамин ки бо духтаре бо ин забон ошиқона гап мезад, орзу мекардам риштаи ширини сӯҳбаташон ҳеҷ гусаста нашавад.

Мо ҳамфамилия будем ва номҳоямон ҳам бо ҳарфи И сар мешуд.

Бисёрҳо шуда буд, ки шеърҳои Искандар чоп мешуду маро табрик мекарданд ё шеърҳои ман чоп шавад, Искандарро. Боре шеърҳои навамро ба назди Мавҷуда Ҳакимова (рӯҳашон шод бод) бурдам. Шоира, маҷаллаи «Садои Шарқ» - ро бароварда, «шеърҳоят хуб, ба ман маъқул шуданд», гуфта маро табрик карданд.

Ман ба муаллима фаҳмондам, ки ин шеърҳои ман не, аз они Искандар Идиев аст. Ҳамчунин чанд сол пеш бо шоир ва тарҷумон Алишер Қиёмов дар маъракае ҳузур доштем, ӯ гуфт, ки ҳангоми дар институти адабии Маскав ҳамроҳи Искандар хондан рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ба дастам афтод, ки дар он бо фамилияи Идиев як силсила шеърҳо чоп шуда буд. Тохта ба назди Искандар рафтаму ӯро табрик кардам, вале Искандар рӯзномаро диду гуфт: ин шеърҳои Иззатбек аст. Вақте ӯ Искандари Хатлонӣ тахаллус гирифт, ман ҳам қафо намонда, тахаллуси худро Иззати Раштӣ гузоштам.

Искандар содаву дилсофу нексиришт буд. Кӯдакона ҳарф мегуфт, кӯдакона табассум мекард, кӯдакона ишқ меварзид, поку беолоиш. Нигоҳаш доим ба нуқтае банд буд. Гӯё сӯи манзилҳои дуру афсонавие парвоз мекарда бошад. Шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки ӯ маҷмӯаи аввалини худро «Парвоз» ном ниҳоданӣ буд.

Шеъри нав мегуфт, ашъори шоирони бузурги дунёро тарҷума мекард. Дар шеър на танҳо маънии тоза, балки кӯшидааст, ки калимоту таъбирҳои навро истифода барад:

Сари калтути пири ҳавлии моро
Зи нав тар мекунад борон,

* * *

Момаи пирам шабу рӯзи дароз,
Аз худо дорад ниёз:
«Парвардигоро
Баччаамро бош ёр!...»

Китобашро варақ мезанем, сатрҳое ба забон меоянд. Гӯё Искандар навакак шеър гуфтаву онро чун васияте бароям мехонад:

*Он ки бедор асту имшаб ёди фардо мекунад.*
*Ҳарфҳое дар сукути хеш пайдо мекунад.*
*Медиҳад пайванд тори ноаён бигсастаро,*
*Нагмаҳои мурдаро дар хеш эҳё мекунад...*
*Ҳаст дар сайёра он Рухшонае, ки то ҳанӯз,*
*Ошиқи Искандар асту ёди Доро мекунад.*

* * *

*Кӯдакони мо,*
*Симурги ҷовидон,*
*Дар дами хатар*
*Мебарояд аз даҳони маргамон,*
*То ба сар барем аз дигар,*
*Зиндатар...*

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба арсаи эҷод қадам ниҳодани Искандар адибону олимон ашъорашро хуш пазируфта буданд. Атрофи эҷодиёташ мақолаву тақризҳо чоп шуда, ҳамчун шоири умедбахшу тозакор эътироф гашта буд. Ба фикрам имрӯз эҷодиёти шоири ҷавонмаргро мавриди таҳқиқ қарор додани муҳаққиқон кори хайр ва ба манфиати адабиёти мо хоҳад буд. Зеро Искандар аз ҷумлаи шоиронест, ки берун аз марзи Тоҷикистон ашъораш чоп, баррасӣ шудаву писандида буд.

Искандар шеърро дӯст медошт, ба ҳама, аз ҷумла ба аҳли адаб эҳтироми хоса дошт.

Мо низ ӯро ёд мекунем. Равонат шоду ҷоят ҷаннат бошад мегӯем ва ёдкардаи худро бо сатрҳои пурсӯзаш анҷом медиҳем:

*Хуршед дар паси кӯҳ,*
*Ғарқ аст ҳамчу моҳӣ,*
*Сар мешавад шаби тор,*
*Эй дӯст, дар куҷоӣ?*

*И. Раштӣ*

* * *

*Тасвири мо аз ин як дар он як уфтод*
*Чандон, ки ҳардуро*
*Такрор ё тарокуми тасвирҳо шикаст,*
*Моро зи ҳам гусаст,*
*Он сон ки аз ҳилоли хутути шикастагӣ*
*Гоҳе ки чашми мо ба ҳам афтод:*
*Дар худ гиристему гузаштем.*

*Акнун ҳазор сол аз достони дӯстии мо гузаштааст,*
*Ойини рӯзгор дигаргуна гаштааст.*
*Оҳ, эй рафиқи аҳди ҷавонӣ!*
*Оё ту ҳам нидои азиматро*
*Дар дил шунидаӣ?*
*Абри гуноҳ барфи надомат нишонда аст,*
*Бар гесӯвони мо.*
*Ин тифли гӯрзод, ки пирист номи ӯ,*
*Гирён нишаста бар лаҳади зонувони мо.*

*Имрӯз шаҳри мо на ҳамон шаҳр аст,*
*Тақдири мо на он чи гумон кардем:*

# МУНДАРИЧА


Оҳ, бародари бузурги ҷавонмаргам .......... 5
Модар .......... 7
Якшанбе .......... 7
Бози давлат .......... 8
Инқилоби Савр .......... 8
Киштии умеди Жола Бадеъ .......... 9
Ватанфурӯш .......... 9
Хуни Сиёвуш .......... 10
Тахти Ҷамшед .......... 10
Ноҳид .......... 11
Поёни Авесто .......... 12
Раҳгузаре дар шаҳри ношинос .......... 12
Барои Сиёвуши Касроӣ .......... 13
Тимсол .......... 13
Эҳдо .......... 14
Навқалам .......... 14
Шабнам .......... 15
Бароям гиря кун .......... 16
Бе ту .......... 16
Садо .......... 17
Коҳиш. .......... 17
Фарёди хаёл .......... 17
Ситора .......... 18
Меҳмонӣ .......... 18
Икар .......... 19
Бехобӣ .......... 19
Сафедор .......... 19
Орзуи парвоз .......... 20
Борон .......... 20
Фаррош .......... 21
Шаби боронӣ .......... 21
Чашма .......... 21
Механдид .......... 22
Боде дар шаҳр .......... 22
Тасвир .......... 23
Афсона .......... 23
Се интизор .......... 24
Моҳи мизон .......... 24
Ҳавасҳо .......... 25
Баҳри Норак .......... 25
Душанбе .......... 26
Васияти деҳқони пир .......... 27
Ту бо манӣ .......... 27
Дар паноҳи Меҳан .......... 28
Омӯ .......... 29

Таронаи ситоиши замин ..... 30
Аз саҳна меронем ..... 31
Эй замин, эй моми ноёб ..... 32
Фарёд ..... 33
Дона ..... 34
Бухоро ..... 35
Сохтмон ..... 35
Бомдод ..... 36
Шабҳои хуршедӣ ..... 36
Ҳавопаймо ..... 37
Афсонае барои ҳама ..... 38
Барои ту, ки интизори манӣ ..... 39
Ғазали бехобӣ ..... 39
Навзод ..... 40
Домони замин ..... 41
Ношинос ..... 42
Нағмапардоз ..... 43
Саргузашти дарахти пир ..... 44
Рӯъё ..... 44
Нолаи шабгир ..... 46
Саргузашти як чашма ..... 47
Гиряҳои ту ..... 48
Пурсиши кӯдак аз модар ..... 49
Гули овози ман рӯяд ..... 51
Андешаҳои хок ..... 51
Кӯдакони мо ..... 52
Лаҳзаеро дидам ..... 52
Гурез ..... 53
Миёни тобистон ..... 53
Дунёгир ..... 54
Новдон ..... 55
Дар ин сӯйи фосила ..... 55
Замзамае барои ту, ки ҳанӯз ..... 56
Дар шомгоҳи ҷангали поиз ..... 56
Бадахшон ..... 57
Гренада ..... 57
Анӯша ..... 58
Гӯри сарбоз ..... 59
Барои духтараки Фаластинӣ ..... 60
Аз анбӯҳи ҳазорон сол ..... 60
Ҷунуни ишқи раҳоӣ ..... 61
Аз фаросӯйи расидан меоӣ ..... 61
Дар хуни ман ..... 62
Ҳангоми шукуфтани олуболу ..... 62
Ҳавои рафтан дорам ..... 63
Дар зиндагии дуввуми ман ..... 64
Дар ғуруби дарё ..... 65
Садои растанизод ..... 66

Мову шумо ........ 66
Юсуфи моро ........ 67
Даричае ба сӯйи раҳоӣ ........ 67
Қуфли шикаста ........ 69
Садойи пойи вожаҳо ........ 70
«Шоҳнома» механам ........ 71
Роҳиёни шабнаворд ........ 71
Таронаи марди ғариб ........ 72
Бародарони Юсуф ........ 73
«Мо» бошем ........ 73
Ҳавои рахнаи бунбаст ........ 74
Ҳавои роҳи дигар дорам ........ 75
Он духти кӯҳсор наёмад ........ 76
Сӯгномае барои Қаҳҳораи Осӣ ........ 76
Юсуф Монделштом ........ 77
Суми аспон ........ 78
Аз куҷо баргардам ........ 79
Манзил харидам ........ 79
Навиштае ба санги гӯри сухан ........ 80
Хоби сангину оғози нангин ........ 81
Милоди оғоз ........ 81
Дар сарзамини талхи ҷудоӣ ........ 84
Ҳамсояи чаҳорум ........ 85
Кушоиш ........ 86
Медонад, ки ........ 86
Ба ҷуз вожа ........ 87
Иззати Раштӣ, «Эй дӯст дар куҷоӣ?» ........ 89

---

**Искандари Хатлонӣ**

**КОСАИ ШИР**
*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳри Саидова*

Ба матбаа 06.06. 2011 супурда шуд.
Ба чопаш 20.06. 2011 имзо шуд. Андозаи 70х108/32.
Ҷузъи чопӣ 6,0 Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а.

ҶДММ «Аржанг». Душанбе, кӯчаи Ш.Ҳусейнзода 13.